
ПАЁМИ ТЕРРОРИ МАСЪУД с. 3

ЧАРО МАСҶИД ҲАСТУ ЧОЙХОНА НЕ? с. 5

ЧАРО ИСРОИЛ БА ҚАТАР ҲАМЛА КАРД? с. 4

ТОҶИКИСТОН

№37 (1650), 10.09.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



Малика Қаландарова:

ТОҶИКИСТОН МАРО ФАРОМӮШ НАКАРДААСТ...





ДАР ИН ШУМОРА:

ҶОИЗА БАРОИ СУЛҲ
Се Президенти Осиёи Марказӣ соҳиби он шуданд с.2

ҚОНУНИ НАВ
Китоб хону зуд аз зиндон озод шав! с.5

ЗЕЛЕНСКИЙ:
Путин ба Украина ояд! с.4

БИЗНЕСИ МУВАФФАҚ
Асрори онро Саидмурод Давлатов мегӯяд с.7

ФОҶЕА
Модар ва се кӯдакашро кӣ кушт? с.11

ТОҶИКОНИ ЧИН
Торобхоҷа ибни Умархоҷа кӣ буд? с.10

КАНЗИ ШИФО
Роҳҳои раҳоӣ аз бемориҳои тирамоҳӣ с.12

ВАРЗИШ
Тоҷикистон ба даври ниҳоӣ роҳ наёфт... с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



СУЛҲ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Эмомалӣ Раҳмон, Шавкат Мирзиёев ва Содир Ҷабборов бо ҷоизаи сулҳ қадрдонӣ шуданд

ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ВА ПРЕЗИДЕНТИ ҚИРҒИЗИСТОН СОДИР ҶАББОРОВ БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲ БА НОМИ ЛЕВ ТОЛСТОЙ ДАР СОЛИ 2025 ЭЪЛОН ГАРДИДАНД.



Комиссияи Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Лев Толстой дар соли 2025

СОЗИШНОМАҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР САРҲАДИ СЕ КИШВАР

Бо қарори ҳайати доварон роҳбарони се кишвар барои саҳми намоён дар таҳкими сулҳу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо ин мукофоти баланд қадрдонӣ шуданд.

Раиси ҳайати доварон, роҳбари бадеӣ ва мудири кулли Театри Мариинский ва Театри калони Русия Валерий Гергиев изҳор дошт, ки қарор якдилона қабул гардид. Ба ҳайати байналмилалии доварон сиёсатмадорон ва намояндагони ҷомеаи кишварҳои Аргентина, Беларус, Ҳиндустон, Чин, Русия, Фаронса, Африқои Ҷанубӣ ва Ҷопон шомиланд. Кумитаи тадорукоти ҷоиза ёдовар шудааст, ки 31-уми март миёни Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон созишнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии марзҳои давлатӣ ба имзо расид. Ин санади таърихӣ ҳамроҳ бо Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳои се кишвари Осиёи Марказӣ - Эмомалӣ Раҳмон, Содир Ҷабборов ва Шавкат Мирзиёев имзо шуда, расмиёти ҳуқуқии муайянсозии сарҳадҳои умумиро комилан анҷом дод.

Дар ҳамин рӯз, яъне 31-уми марти соли 2025 дар фазои тантанавӣ дар нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар стелаи рамзӣ иф-титоҳ гардид, ки рамзи дӯстӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

СУЛҲ ВА ДАР БОРАИ ҶОИЗА

"Раҳбарони Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар таъмини амнияти умумӣ ва таҳкими ҳамкории байни халқҳо саҳми арзанда гузоштанд",- таъкид менамояд кумитаи тадорукоти ин ҷоизаи байналмилалӣ.

Инчунин, дар маросими ҷоизасупорӣ Пиер де Голл, набераи Шарл де Голл суханронӣ намуда, нуфузи рӯзафзуни ҷоиза ва нақши Русияро дар мусоидат ба сулҳу субот зикр кардааст.

Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Лев Толстой 22-юми июни соли 2022 аз ҷониби Ҷамъияти таърихии Русия, Бунёди сулҳи Русия ва Ҷамъияти таърихи низомии Русия таъсис ёфтааст. Ҳадафи он қадрдонӣ аз шахсиятҳоест, ки бо амалҳои худ дар роҳи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва субот саҳми назаррас мегузоранд.

Ёдовар мешавем, ки маросими супоридани ҷоиза соли 2025 дар Маскав ба муносибати рӯзи таваллуди нависанда ва файласуфи барҷастаи рус Лев Толстой баргузор шуд.

ПАЁМИ ТЕРРОРИ МАСЪУД



9-уми сентябр аз террори Қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд 24 сол сипарӣ шуд. Ба ёди ин қаҳрамон, ки зиндагӣ ва корномааш барои тамоми тоҷикони ҷаҳон рамзи мубориза ва шуҷоат аст, андешаҳои донишманди тоҷик, профессор Абдунабӣ Сатторзодаро манзури шумо мегардонем.



Он рӯзи наҳси 9-уми сентябри соли 2001-ро нағз дар хотир дорам. Он замон дар Вазорати корҳои хориҷии ҶТ кор мекардам. Вазири муҳтарами вақти корҳои хориҷии ҶТ, академик Талбак Назаров бо андуҳи зиёд аввал аз захмӣ шудани зиндаёд Аҳмадшоҳи Масъуд ва пас аз фурсати кӯтоҳе аз марги нобаҳангоми ӯ дар чархболе, ки ба самти Тоҷикистон ҳаракат мекард, хабар доданд.

Аз тафсилоти шаҳодати Аҳмадшоҳи Масъуд баъдан бароям рӯзноманигори рус Аркадий Дубнов, ки дар он лаҳзаҳои шум ҳузур дошта ва шоҳиди бевоситаи он будааст, қисса кард ва ҳайратзада аз он буд, ки чӣ тавр масъулони амниятӣ дар тӯли 18 рӯз пай набурданд, ки он ду рӯзноманигори номниҳоди араб дар асл ҳеч ба журналист монанд набуданд ва корашон танҳо аз хобу хӯр иборат буду бас.

Омир соҳиб Аҳмадшоҳи Масъуд, ки дар ҳушёрӣ ва зиракӣ миёни дӯстону душманонаш ном бароварда буду аз сӯйиқасдҳои пайдарпай ва такрор ба такрори дастгоҳҳои иктишофии шуравиҳо, ҳукумати коммунистии доктор Наҷиб, Толибони дохилию хориҷӣ борҳо ҷон ба саломат бурда буд, ин дафъа ба осонӣ ба доми душманон афтод ва шаҳид шуд.

Ба гумонам, чунин сурат гирифтани ин ҳодисаи маргбор ду иллат дошт:

1. Яке он, ки шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд ба одамон, ба лафзу қавли онҳо, тавсияву маслиҳату машварати онҳо, алалхусус ба онҳое, ки дар сангарҳои мубориза бо ҳам буданд, бовар дошт. Ин ду журналистро яке аз роҳбарони ҷиҳодӣ муаррифӣ карда буд.

2. Сониян, тавре ки маълум аст, шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд ҳеч гоҳ аз рӯ ба рӯ шудан бо душманонаш намеҳаросид ва бисёр шудааст, ки барои гуфтугӯ бо онҳо рафтааст. Замоне буд, ки ҳамаи роҳбарони ҷиҳодӣ ба хотири ҳифзи ҷони худ ва хонаводаашон Афғонистонро тарк гуфтанд, танҳо Аҳмадшоҳи Масъуд буд, ки ҳамеша дар дохили кишвараш боқӣ монд ва муборизаашро давом дод. Ба қавли яке аз низомиёни баландрутбаи русӣ, ӯ нафаре буд, ки "ҳеч вақт ба амалиётҳои низомӣ аз дур роҳбарӣ намекард". Ва муовини бахши Шарқи Наздики дастгоҳи истихборотии Амрико тасдиқ намудааст, ки он вақт "ҷуз Масъуд дар саҳна касе вуҷуд надошт".

Бинобар ин, агарчи шаҳид Аҳмаҳшоҳи Масъуд ба ин ду журналисти номниҳод то ба охир бовар надошт ва ҳар вақт замони мулоқоташро бо эшон ба таъхир меандохт, боз ҳам ба мулоқоташон дар охир розӣ шуд ва шояд гумон дошт, ки ин ду номардро ҷасорату мардиҳои ӯ ва суҳбати рӯ ба рӯ ва ошкорояш аз нияти бадашон бозхоҳад дошт. Сад афсӯс, ки чунин нашуд. Душманони номардаш бори дигар номардӣ карданд.

Зимнан, ҳама медонанд, ки шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд ба душманони собиқаш, ба асирон чӣ гуна бархӯрди ҷавонмардонае дошт. Барои мисол бо доктор Наҷиб, ки ба истилоҳ "душмани савгандхӯрдаи ӯ" буд. Хабарнигори русе бо исми Сердюков аз шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд савол кардааст: "Толибон ӯро эъдом карданд. Шумо марги як душмани савгандхӯрдаи худро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?". Чунин ҷавоби мардонае додааст, ки танҳо ба ӯ хос буд: "Оре, мо душман будем, вале ҳангоме ки авзоъ ва аҳвол тағйир кард ва қувваҳои Шуравӣ Афғонистонро тарк карданд, муносибати мо бехтар шуд. Пеш аз ишғоли Кобул тавассути Толибон Наҷибуллоҳ дар мақоми Намояндагии СММ маҳфӣ шуда буд. Мо намехостем ба ӯ осеб бирасад ва ман қабл аз тарки Кобул нафари худро назди ӯ фиристодам ва пешниҳод кардам, ки назди ман биёяд ва агар ӯ назди мо меомад, пас аз он ҳар ҷо, ки дилаш мехост, масалан назди ҳамсараш ва наздиконаш ба Ҳинд биравад. Вале даъвати моро напазируфт... Ман ду муҳофизро ба ихтиёри Наҷиб гузоштам, ки он ду муҳофизро низ Толибон куштанд... Наҷибуллоҳ умедвор буд, ки чун паштун аст, Толибон ба ӯ осебе наҳоҳанд расонд".

Аз ҳеч нафаре набояд пинҳон бошад, ки марги абармарде мисли Аҳмадшоҳи Масъуд кори хурде нест ва ҷуброннопазир мебошад. Ва албатта, пеш аз ҳама, барои мардуми шариф ва кишвари азизаш Афғонистон. Аммо номи муборак ва корнамоиҳои бемислумонанди шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд барои мо тоҷикони Тоҷикистон ва тамоми шаҳрвандони он низ ноошно ва бегона набуд. На танҳо барои он ки ӯ аз қавми тоҷик буду гузаштагонашон аз Даҳбеди Самарқанд буданд.

Ва на танҳо барои он ки ӯ ва профессори шаҳид устод Бурҳониддини Раббонӣ дар солҳои барои мо душвор ва сахт ба муҳочирони тоҷик паноҳ доданд ва дар раванди сулҳу оштӣ саҳми муассир ва бевосита доштанд, балки барои он ки шаҳиди зиндаёд Аҳмадшоҳи Масъуд ному эътибори миллати тоҷикро ҳамчун миллати мубориз ва сарафроз дубора баланд бардошт ва исбот намуд, ки тоҷикон ба ҳифзи марзу буми худ қодиранд.

Вале афсӯс, ки ин азизи миллати мо дер омаду зуд рафт, ҳамон тавре Яъқубии Панҷшерӣ гуфтааст:

Чун толеъи фархунда
дар даҳри шукӯҳ
Дер омада буд, ҳасрато,
зуд гузашт.

Марги бафоҷеаи шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд бояд барои мо ҳушдор аз он диҳад, ки эҳтиёт кардан ва азиз доштани бузургони худро ёд бигирем ва онҳоро ба осонӣ аз даст надиҳем. Дар робита ба ин Солеҳмуҳаммади Регистонӣ, муаллифи китоби арзишманд ва хондании "Масъуд ва озодӣ" чунин навиштааст: "Аҳмадшоҳи Масъуд дар 9-уми сентябри соли 2001 мусодиф ба ҷашни истиқлоли Тоҷикистон террор шуд. Шояд ин мутобиқат як амри тасодуфӣ бошад, аммо шаҳодати ӯ барои тоҷикон ин паёми рамзиро дошт, ки миллати тоҷик бояд "бо ҳушёрӣ ва эҳтиёт" по гузорад".

Ёди шаҳиди зиндаёд Аҳмадшоҳи Масъуд, ин абармарди таърихи дирӯз ва имрӯзи мо гиромӣ бод!

САРИ САБЗ



Малика ҚАЛАНДАРОВА,
Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ

- Ин ҷо зода шудам, бори аввал дар ин ҷо ба саҳна баромадам, бори аввал рақсидам, даврaҳои тиллоии умрам, бачагиву ҷавониам дар Душанбе сипарӣ шуд. Ман духтари Тоҷикистон ҳастам, ман духтари Душанбе ҳастам. Аз ин ифтихор мекунам!

- Акнун, боз вақти гузаронидани даврaҳои тиллоии умр аст. Ба Душанбе биёед, мактаби рақс кушоед, мутахассисонро омода намоед. Аз ин кори шумо ифтихор хоҳем кард.



Адаш ИСТАД,
адиб ва рӯзноманигор

- Камина дар солҳои донишҷӯйӣ ба навиштани ҳикоёти илмӣ - хаёлӣ шуруъ кардам. Ба ғайр аз жанри фантаст, барои хурдтаракон низ ҳамон вақт афсонанависиро оғоз карда будам, ки он ҳама имрӯз дар китоби "Чароғи сеҳрнок" ҷамъ омадаанд.

- Гузашта гузашт, бо неку накӯтараш дар саҳифаҳои таъриху дар хотираҳо боқӣ мемонад. Ҳоло вақти навиштани ҳикоёти илмӣ - реалистӣ аст, афсона ба кор намеравад.



Зебо ШАРИФОВА,
ҳуқуқшинос ва собиқ вакил

- Коре, ки ман бо занҳо мекунам, кори бисёр масъулиятнок аст. Занҳо вақте ки ба зӯроварӣ дучор мешаванд, онҳо дар бораи ин тамоман намегӯянд, ё пинҳон мекунанд. Қолабҳои шахшуда ё фишори анъанавӣ аст, ки мегӯянд "кори зан дар ошхона аст".

- Мардҳо низ айнан ҳамин хел. Ҳатто мардҳо дар чунин мавридҳо бештар пинҳонкорӣ мекунанд, зеро шарм медоранд. Дар мавриди "ошхона" бошад, мардҳоро низ онҷо дидан мумкин аст.

Зеленский: Путин ба Украина биёяд

Владимир Зеленский, президенти Украина гуфт, ки Путин метавонад барои музокирот ба Киев ояд, вале ӯ нияти рафтан ба Маскавро надорад.



Владимир Путин, президенти Русия рӯзи 3-юми сентябр гуфта буд, ки омода аст бо раисҷумҳури Украина мулоқот ва гуфтугӯ кунад, дар сурате, ки ба Маскав ояд, аммо гуфт, ҳанӯз маълум нест, ки оё чунин дидоре арзиш дорад ё не.

Дар посух Зеленский гуфт, дар шароите, ки кишвараш шабонарӯз зери мушакборон қарор дорад, наметавонад ба Маскав биравад.

abc NEWS

Сафири нави ИА дар Тоҷикистон

Радослав Дарски, муовини мудири раёсати сиёсати аврупоии Вазорати корҳои хориҷии Лаҳистонро Сафири нави Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон таъйин кардаанд.



Аз соли 2022 дар ин мақом дипломат аз Литва Раймундас Кароблис кор мекард. Ӯ раиси Дафтари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Покистон таъйин шудааст.

Сафири навтаъйини Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон хатмкардаи бахши равобити байналмилалӣ аз Донишгоҳи Вротслави Лаҳистон буда, забонҳои русӣ, англисӣ ва лаҳистониро медонад. Ӯ дар гузашта дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар намояндагиҳои Иттиҳоди Аврупо дар Ӯзбекистон, Гурҷистон ва Беларус кор кардааст. Гуфта мешавад, ки рӯзи 5-уми сентябр сафири нав ба муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон эътимоднома супоридааст.

ҲАМЛАИ «БУЗДИЛОНА»

Чаро Исроил Қатарро ҳадаф қарор дод?

Артиши Исроил рӯзи 9-уми сентябр ба раҳбарони гурӯҳи фаластинии "Ҳамос" дар шаҳри Давҳа - пойтахти Қатар ҳамла кард. Қатар ин ҳамларо "буздилона" хонда, онро маҳкум кард. Амрико мегӯяд, ки ин ҳодисаи "нохушоянд" буд ва Вашингтон пеш аз анҷоми ҳамла ба Қатар хабар додааст. Кишварҳои зиёде ин ҳамларо маҳкум карданд.



Моҷид Ал-Ансорӣ, сухангӯи Вазорати корҳои хориҷии Қатар ин ҳамларо "нақзи ошкори ҳамаи қонунҳои байналмилалӣ" хонд. Ӯ хабар дод, ки ҳамлаи Исроил ба як минтақаи истиқоматӣ, ки маҳали зиндагии чанд тан аз аъзои дафтари сиёсии "Ҳамос" буд, анҷом шуд.

Аз сӯи дигар, Вазорати корҳои дохилии Қатар мегӯяд, ки як корманди неруҳои амниятии ин кишвар бар асари ҳамлаи ҳавоии Исроил кушта ва чанде дигар захмӣ шудаанд.

Кохи Сафед дар пайи ин ҳамла эълон кард, ки Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико ҳамлаи Исроил ба дафтари "Ҳамос" дар Қатарро "иттифоқе нохушоянд" донист ва ба Стив Виткофф, намояндаи худ дар Ховари Миёна дастур дода буд, ки пешопеш ба Қатар дар бораи ин ҳамла ҳушдор диҳад.

Кохи Сафед ба хабарнигорон гуфт, Доналд Трамп пас аз ин ҳамлаҳо бо нахуствазири Исроил ва ҳамчунин амири Қатар гуфтугӯ карда ва ба раҳбари Қатар итминон додааст, ки "чунин ҳодиса дубора дар хоки шумо рух нахоҳад дод".

Ӯ дар баёнияе гуфт, дар ҳоле, ки нобудии "Ҳамос" як "ҳадафи арзишманде" аст, аммо ҳамла дар пойтахти Қатар "ҳеч кумаке ба ҳадафҳои Исроил ё Амрико намекунад". Ӯ афзуд, ки "президент Қатарро муттаҳиди қудратманд ва дӯсте барои Амрико медонад ва нисбат ба макони рух додани ин ҳамла бисёр мутаассиф аст".

Вазорати корҳои хориҷии Қатар дар вокуниш ба изҳороти сухангӯи Кохи Сафед гуфт, тамоси мақомҳои амрикоӣ бо ин кишвар вақте сурат гирифт, ки садои таркишҳо аз ҳамлаҳои Исроил ба гӯш мерасид.

Шоми сешанбе "Ҳамос" бо нашри баёнияе эълон кард, ки панҷ тан аз аъзои ин гурӯҳ дар ҳамлаи Исроил ба Давҳа кушта шудаанд, аз ҷумла, писари Халил Ал-Ҳайя, раиси дар табъид қарордоштаи дафтари "Ҳамос" дар Ғазза.

Бо ин ҳол, ин гурӯҳ таъкид кардааст, ки Исроил дар терроризми тими музокиракунандаи "Ҳамос" ноком мондааст.

Эрон - аз пуштибонҳои аслии "Ҳамос" ин ҳамларо "нақзи ҳамаи қонунҳо ва муқаррароти байналмилалӣ, ҳамла ба ҳокимияти миллӣ ва тамомияти арзии Қатар ва ҳамла ба музокиракунандагони фаластинӣ" хонд ва маҳкум кард.

Имороти Муттаҳидаи Араб, Урдун, Туркия, Арабистони Саудӣ, Чин, Қазоқистон, Миср, Кувайт низ ҳамлаи Исроил ба дохили хоки Қатарро маҳкум кардаанд.

Фаронса, Британиё ва Олмон, ки аз муттаҳидони ғарбии Исроил ба шумор мераванд, низ ҳамлаи ин кишвар ба хоки Қатарро маҳкум карданд.



ТРАМ РУСИЯРО БО ТАҲРИМҲОИ НАВ ТАҲДИД КАРД

Раисҷумҳури Амрико Доналд Трамп дар суҳбат бо хабарнигорон ба оғози “марҳилаи дувум”-и таҳримҳо алайҳи Русия дар пайванд ба ҷанги Украина изҳори омодагӣ кард.

Вай ин масъаларо зиёд тавзеҳ надод.

Ҳамчунин, Доналд Трамп гуфт, ки “раҳбарони Аврупо рӯзи душанбе ё сешанбе бори дигар ба Вашингтон сафар карда, роҳҳои хатми ҷанг дар Украинаро баррасӣ хоҳанд кард”. Аммо ӯ мушаххасан аз роҳбарони кишварҳои аврупоӣ ном набурд ва маълум нест, ки кадоме аз онҳо ба Вашингтон мераванд.

Аммо қаблан президенти Амрико гуфта буд, ки дар сурати ба даст наомадани пешравӣ дар музокироти сулҳ дар Украина, алайҳи Русия таҳримҳои нав ҷорӣ мекунад.

Пас аз мулоқот бо президенти Русия Владимир Путин дар Аляска рӯзи 15-уми сентябр Трамп гуфта буд, ки ду ҳафта мунтазири мавқеи Маскав мемонад ва баъд тасмим хоҳад гирифт.

Шаби 7-уми сентябр Русия бо истифодаи садҳо бесарнишин ба Украина ҳамла кард. Дар натиҷа чаҳор нафар кушта шуда, ба бинои ҳукуматӣ дар маркази Киев зарар расидааст. Раҳбарони бархе аз кишварҳои ғарбӣ ин амалро як нишонаи дигаре барои омода набудани Русия ба сулҳ номидаанд.

Вазири молияи ИМА Скотт Бессент пештар дар суҳбаташ бо NBC News изҳор дошт, ки Амрико ба “идомаи фишорҳо алайҳи Русия” омода аст, вале қарор аст ин ҳамзамон бо амалҳои дигар шарикони ИМА сурат бигирад.

ШУМО ҒУЛОМИ РУСҲО ҲАСТЕД!

Наворе, ки сабабгори ирсоли нота шуд

Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон бо ирсоли як нотаи расмӣ ба Вазорати корҳои хориҷии Русия аз онҳо хостааст, шахсияти фардеро, ки дар Химкии вилояти Маскав як ронандаи таксии ӯзбекро таҳқир кардааст, шиносоӣ карда, алайҳи ӯ чораи қонунӣ андешанд.

Дар ин бора Аҳрор Бурҳонов, сухангӯи ВКХ Ӯзбекистон ба “Фарғона” хабар додааст.

Наворе, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ саруса-доҳои зиёдеро ба бор овард, рӯзи 27-уми август дар телеграм-канали "TRT" нашр шуд. Дар навор дида мешавад, ки марди русе ба як ронанда, ки зоҳиран зодаи Осиёи Марказӣ аст, суханони қабеҳ гуфта, ӯро таҳқир мекунад, аз ҷумла, ронандаи таксиро “ғуломи



русҳо” мехонад. “Шумо ғуломи русҳо ҳастед! Гум шавед ба Ватани худатон!”,- мегӯяд аз ҷумла марди рус.

Худи ронандаи таксӣ кӯшиш мекунад оромиро нигоҳ дошта, аз мард талаб мекунад, ки таҳқирро хотима диҳад, вале чун мард хомӯш намешавад, ронанда аз назди вай дур мешавад.

Ба гуфтаи шоҳидон, мунозиша аз он сабаб рух додааст, ки таксӣ як муддати кӯтоҳ даромадгоҳи ҳавлиро баста, мунтазири гузаштани мошини партовгоҳ будааст.



МАСҶИД ҲАСТУ ЧОЙХОНА НЕ. ЧАРО?

“На Востоке, на Востоке, что за жизнь без чайханы…”. Сарояндаи машҳури ӯзбек Фаррух Зокиров бо ҳамин суруд шуҳратёр гардид ва ин суруд барои миллатҳои гуногун рамзи кишварҳои Шарқ аст. Воқеан, магар дар Шарқ зиндагӣ бе чойхона имкон дорад? Не! Пас чаро мо аз ин рамзи миллии хеш, аз фарҳанги чойхонадорӣ даст кашидем?



Боиси таассуф аст, ки чойхонаи миллии мо аҳамияти таърихии худро гум кардааст, ҷойи онро қаҳвахонаю тарабхонаҳо гирифтаанд. Яъне мо мардуми шарқӣ неву аврупоӣ шудаем?! Замони Шуравӣ дар боғҳои истироҳатию фароғатӣ ва атрофи бозорҳои шаҳрҳо чандин чойхонаҳо мавҷуд буданд, ки маҳали гирд омадани мардуми касбу кори гуногун ва мӯйсафедон буданд.

Агар ба таърих нигоҳ кунем, чойхона ҳамеша ҷузъи асосии зиндагии мардуми тоҷик буд. Дар чойхонаҳо асосан чой ва ширинихои миллӣ - мисли ҳалвои лавз, ҳалвои кунҷидӣ, наботу парварда, нишаллою қаймоқ ва ғайра ба мизоҷон пешниҳод мешуд. Дар маҳалҳо ҳафтае як бор ва дар шаҳрҳо нисфирӯзӣ дар чойхонаҳо оши палов мепухтанд, ки ҳамагонро сарҷамъ мекард.

Аз замонҳои пеш ҳар шаҳр чойхонаҳои таърифӣ низ доштанд. Барои мисол дар шаҳри Душанбе чойхонаи “Роҳат”, дар шаҳри бостонии Истаравшан чойхонаи “Ҳавзи морон”, дар Хуҷанд чойхонаи “Мӯйсафедон”-и бозори Панҷшанбе ва ғайра. Хушбахтона, дар Хуҷанд ва Истаравшан ҳоло ҳам як-ду чойхона боқӣ мондаанд. Вале аз замони Шуравӣ шуруъ карда оҳиста-оҳиста ҷойи чойхонаҳоро ошхонаву тарабхонаҳо гирифтанд ва имрӯз чойхонаҳо тамоман аз байн рафтанд гӯем ҳам, иштибоҳ намекунем. Ошхонаву тарабхонаҳои шаҳрҳо бошад, аз як тараф барои суҳбат мувофиқ набошад, аз тарафи дигар мӯйсафедони нафақагир имкони даромадан ба онҳоро надоранд, зеро нафақаи онҳо ба хӯроки нисфирӯзӣ дар баъзе тарабхонаҳо намерасад.

Мӯйсафедон, нафақагирон бояд ба кучо раванд, дар кучо нишинанду суҳбат кунанд ва шоҳмотбозӣ карда, ғами дил бароранд? Имрӯз дар ҳар як маҳалла масҷид ҳаст, вале дар ягон маҳалла чойхона нест. Чаро? Дар сурати будани масҷид, он ҷойи ибодат аст, на суҳбат.

Шояд ин ҷо суол шавад, ки чойхона чӣ нақш бозида метавонад?

1. Барои мӯйсафедон ва бознишастагон маҳали ғубори дил баровардан ва вақт гузаронидан аст.

2. Вазъи замони имрӯзаро баррасӣ карда, ба ин васила аз воқеаву ҳодисаҳо огоҳ мешаванд ва ба набераву фарзандон маслиҳату машварат медиҳанд.

3. Ҳолати санитарӣ-бехдоштии маҳалро муҳокима мекунанд. Фарзандону пайвандонро насиҳат карда, барои тозагии маҳал кумак мерасонанд.

4. Раисони маҳаллаҳо, масъулини шаҳру ноҳия бо мӯйсафедон воҳӯриҳо карда, онҳоро ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб мекунанд. Яъне пирони рӯзгордида, зиёиёни бознишаста барои ободии маҳал ва тарбияи ҷамъият саҳм мегузоранд.

Бубинед, ин 4 ва дигар масъалаҳо сари як пиёла чой роҳи ҳалли худро меёбанд. Аз ин рӯ, мавҷуд будани чойхонаи маҳал ҳатмиву тақозои замон аст, зеро ин яке аз нишонаҳои фарҳанги шарқ мебошад.

Эркин КАМОЛЗОДА,
собиқадори меҳнат, сокини шаҳри Душанбе

АЗ ИДОРА: ДОИР БА ИН МАВЗУЪ ШУМО ҲАМ ФИКРУ ПЕШНИҲОД ДОРЕД? НАВИСЕД, НАШР МЕКУНЕМ!

КИТОБ ХОНУ АЗ ЗИНДОН ОЗОД ШАВ!

Сенати Ӯзбекистон қонунеро қабул кард, ки бар асоси он барои ҳар як китобе, ки маҳбус аз рӯйхати тасдиқшуда мехонад, муҳлати ҳабси ӯ 3 рӯз кам карда мешавад. Дар ин бора дафтари матбуоти сенат - палатаи болоии парлумони Ӯзбекистон хабар медиҳад.

30 РӮЗ ДАР ЯК СОЛ

Маҳкумшуда дар як сол метавонад ҳадди аксар то 30 рӯз муҳлати ҷазои худро кам кунад.

Китобҳое, ки зиндониён мехонанд, аз сӯи Маркази ҷумҳуриявии маънавиёт ва рӯшангарии Ӯзбекистон тасдиқ карда мешавад ва гуфта мешавад, ки онҳо дорои арзишҳои дурусти ахлоқӣ мебошанд. Мутолиаи ҳар китобро комиссияи махсус тасдиқ мекунад.

Ин навоварӣ ба маҳбусоне, ки ба ҳабси абад маҳкум шудаанд, дахл нахоҳад дошт. Таъкид шудааст, ки қонун ба зиёда аз 13 ҳазору 500 зиндонӣ, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо мекунанд, татбиқ хоҳад шуд. Вакилон гуфтаанд, ки қабули ин қонун тарбияи маҳкумшудаҳоро тақвият мебахшад, ба ташаккули эҳтиром ба анъанаҳо ва қонунҳои ҷомеа мусоидат мекунад ва ҳамчунин, ба пешгирии қонуншиканӣ ва коҳиши сатҳи ҷиноятқорӣ ёрӣ мерасонад. Қонуни мазкур пас аз имзои раисҷумҳури Ӯзбекистон ба иҷро медарояд.

ТАҶРИБАИ БРАЗИЛИЯ

Қонуне, ки Ӯзбекистон қабул кард, нав нест. Қаблан дар Бразилия низ чунин қонун ҷорӣ шуда буд. Дар ин кишвар дар ивази хондани ҳар китоб зиндонӣ метавонад аз ҳукми зиндонаш 4 рӯз камтар кунад. Зиндониён дар Бразилия имкон доштанд, ки давоми сол 12 китобро мутолиа ва муҳдлати ҷазои хешро то 48 рӯз кам кунанд.

АВФИ КИТОБХОНӢ

Таҷрибаи “авфи китобхонӣ” дар кишварҳои дигар низ будааст. Аз ҷумла:

ИМА

Дар баъзе штатҳо (масалан, Калифорния ва Ню-Йорк) барномаҳои «Books for Inmates» ва «Read to Succeed» амал мекунанд, ки маҳбусон барои иштирок дар барномаҳои таълимӣ ва адабӣ бонус мегиранд. Муҳлати зиндон бевосита барои китоб кам намешавад, вале иштироки фаъоли маҳбусон дар ин барномаҳо метавонад сабабгори раҳоии пеш аз муҳлати онҳо гардад.

Фаронса

Дар баъзе зиндонҳои Фаронса маҳбусоне, ки дар барномаҳои таълимӣ ва адабӣ иштирок мекунанд (ин барномаҳо мутолиа ва баррасии асарҳои бадеиро низ фаро мегиранд), метавонанд сабукии шароит ё имкони озодии шартиро дастрас кунанд.

Италия

Дар Италия маҳбусоне, ки дар лоиҳаҳои фарҳангӣ иштирок мекунанд ва фаъолона китоб мехонанд, метавонанд ба кам шудани муҳлати маҳбас умедвор шаванд.

Ҳиндустон

Дар баъзе зиндонҳо барномаҳои ташвиқи мутолиа ва таҳсил вуҷуд доранд. Маҳбусоне, ки курсҳои таълимиро бо муваффақият мегузаранд, ҷазояшон сабуктар мешавад.

Белгия ва Ҳолланд


Барномаҳои пилотӣ вуҷуд доранд, ки маҳбусон барои иштирок дар лоиҳаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ (аз ҷумла мутолиа) «рӯзҳои озодӣ» мегиранд, ки муҳлати маҳбасро кам мекунанд.

ТАҶРИБА БАРОИ ТОҶИКИСТОН

Тибқи иттилое, ки дар даст дорем, дар ҳамаи зиндонҳои Тоҷикистон китобхона мавҷуд аст. Ҳамчунин, чанд сол аст, ки аз тарафи фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва барномаҳои мухталиф барномаҳои “Китоб ба маҳбусон” роҳандозӣ мешавад, ки аз шаҳрвандон барои маҳбусон китобҳо ҷамъоварӣ мешаванд ва ба зиндонҳо интиқол меёбанд. Феълан барои Тоҷикистон низ татбиқи ин барнома фурсати хубе аст. Чун вақтҳои охир таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба китобхон кардани мардум равона шудааст. Далели возеҳи он озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” мебошад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудааст ва ҳамасола ҳазорон нафар дар он ширкат мекунанд. Агар дар Тоҷикистон низ чунин қонун қабул шавад, барои тарбияи маҳбусон ва кам кардани муҳлати ҷазояшон саривақтӣ хоҳад буд.


Шумо чӣ назар доред?

Д. ҚОДИРПУР



ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)







ПАСИ ПАРДА

Муродуллоҳ, ки дар шуъбаи байналмилалии КМ кор мекард, медид, ки чӣ гуна фазо тағйир меёбад. Пештар агар дар долонҳо сухан аз таърих, миллат, эҳтироми миёни роҳбарон мерафт, ҳоло ҳар кас бо эҳтиёт сухан мегуфт. Ҳарфи зиёд маънии бар зарари худ кор карданро дошт.

Пётр Лучинский ва Қаҳҳор Маҳкамов ҳар ду тамкин пеша карда буданд, дил ба якдигар намекушоданд. Ин ду нафар мисли ду шохобе буданд, ки аз як чашма об мехӯрданд, вале рӯд кучо равон буд, касе намедонист.

Соли 1987, вақте ки бори аввал вожаҳои "тафаккури миллӣ", "худшиносӣ" ва "тамаддуни фарсзабонҳо" аз гӯшаҳои минбарҳо садо доданд, Пётр Лучинский изҳори нигаронӣ кард. Барои ӯ ин вожаҳо оғози "бедорӣ, аз хоби гарон хестан" буданд.

Муродуллоҳ он шаб дар дафтари хотироташ менависад: "Бозсозӣ агар бо шубҳа оғоз шавад, бо парешонӣ анҷом мегирад. Мо шоҳиди сукутем - сукути роҳбарон, сукути умед ва сукути ҳақиқат".

СУХАН РАМЗИ ҲУВИЯТ

Соли 1988. Боде, ки аз сӯи Маскав мевазид, дигар на он боде буд, ки парчами идеологияи Шуравиро партавафшон кунад. Он бод, ки солҳо аз забони шиорҳо ва радиои расмӣ ба гӯш мерасид, акнун шакл дигар мекард: боди шӯрангез, боди саволҳо, боди бедорӣ. Боди наве буд, ки нахуст ба деворҳои пурасрори Кремл бархӯрда, баъд ба гӯшаҳои дуртарин, то водии Рашт, Хатлон, Зарафшон ва Бадахшон мерасид.

Дар Душанбе кӯчаҳо гувоҳ бударданд, ки мардум дар ҷодаи бедорӣ гом мезананд: ором, вале қатъӣ. Ба гӯши шаҳр калимаҳои нав, эҳсосҳои нав, ормонҳои нав ворид мешуданд. Миллат, ки солҳои тӯлонӣ хомӯш нигоҳ дошта шуда буд, гӯё аз хоби амиқ бедор мешуд.

Дар маҷлисгоҳҳо, донишгоҳҳо, осорхонаҳо ва маҳфилҳои адабӣ забонаи баҳси "Забон - ҳастии миллат" аланга мезад. Вожае, ки замоне танҳо дар шеъру тaронаҳо мерехт, акнун ба гуфтори кӯча табдил меёфт. Забоне, ки дар маҷлисҳо танҳо барои «қисмати адабӣ» истифода мешуд, акнун дар гуфтугӯи рӯзмарраи мардум эҳё мегардид.

Сухан дигар танҳо воситаи суханронӣ набуд, рамзи ҳувият буд. Забони русӣ, ки то дирӯз мола элита ҳисоб мешуд, тадричан ҷойи худро ба забони тоҷикӣ медод. Шахсиятҳое, ки солҳои тӯлонӣ бо русӣ ҳарф мезаданд, акнун бо эҳтиром ва камоли масъулият ба омӯзиши забони тоҷикӣ иқдом мекарданд.

Дар маҳфилҳои фарҳангӣ, дар саҳифаҳои рӯзномаҳо, дар барномаҳои радиову телевизион суҳан аз эҳёи забон ва худшиносии миллӣ мерафт. Забони тоҷикӣ дигар забони идҳои расмӣ набуд, ба забони зинда, ба забони рӯзмарраи миллат табдил ёфта буд.

Ҳамин бедорӣ дар кӯча, дар хона, дар мактаб, дар сина ва дар суҳан садо медод. Ва ин садо дигар хомӯш намешуд...

ҚАҲҲОР МАҲКАМОВ ВА ЭҲСОСИ ЗАРУРАТИ ЗАБОН

Қаҳҳор Маҳкамов, ки он айём раҳбари аввали чумҳурӣ буд, ин тағйиротро хуб эҳсос мекард. Ӯ ҳарчанд забони модариро медонист, вале ҳис мекард, ки вақти амиқ омӯхтан ва дарки назокатҳои он фаро расидааст.

Дар як нишаст вай мегӯяд: "Ман мехоҳам забонро омӯзам, на танҳо барои суханронӣ, балки барои фаҳми миллат, барои шунидани дили мардум".

Аз ҳамон рӯз ба чустучӯи як устоди забони тоҷикӣ, ки на фақат забоншинос бошад, балки ҳамзамон сиёсатфаҳму ба дарки вожаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ қодир бошад, шуруъ кард.

Миллате, ки забонашро мешиносад, худро мешиносад. Дар он солҳо мардум ин ҳақиқатро дар амал эҳсос мекарданд. Рӯзе, ки гузашт, дигар барнамегашт. Миллати тоҷик, ки солҳои дароз дар байни марзҳои шикаста, дар байни сиёсатҳои ҳамгомсозӣ камранг гашта буд, акнун дубора чеҳраи хешро меёфт.

Забон гӯё парчами даридаю аз ҳам ҷудои миллатро медӯхт, ба ҳам меовард. Он бо рагҳои бедорӣ мепайваст, бо нафаси миллат мезист.

ВОХӮРӢ

Қаҳҳор Маҳкамов тасмим мегирад, ки бо ҷиддият ба омӯхтани забони тоҷикӣ машғул мешавад. Ёфтани муаллим барои шахси аввал осон набуд. Ӯ мебоист забон донад, аз сиёсат, адабиёту фарҳанг бохабар, ҳамчунин шахси боэътимод бошад. Он рӯзҳо номзадҳо зиёд баррасӣ мешуданд: устодони донишгоҳ, кормандони Институти забон ва адабиёт, муҳаққиқон, омӯзгорон...

Бинои КМ ПК Тоҷикистон. Дафтари кори котиби аввали ҳизб. Дар гӯшаи мизи корӣ чанд ҷилд китоб рӯи ҳам чида шудаанд: «Девони Рӯдакӣ», «Сиёсатнома», «Шоҳнома», чанд мақолаи марбут ба забони давлатӣ.

Қаҳҳор Маҳкамов ангушт ба занги рӯи миз зад. Котиби ҷавон ворид шуд.

- Ман дастур дода будам, ки бароям муаллими забони тоҷикӣ кобанд. Пайдо шуд?,- пурсид Маҳкамов.

- Бале, як нафарро интихоб карданд. Вай солиёни зиёд дар Афғонистон ба сифати тарҷумон кор кардааст. Аз фарҳанг ва сиёсат бохабар. Забонаш фасеҳ, қаламаш бурро. Дар шуъбаи равобити байналмилалӣ кор мекунад.

Қаҳҳор Маҳкамов интизор надошт, ки дар дохили дастгоҳ чунин шахсе пайдо мешавад ва ба котиб дастур дод, то ӯро даъват кунад.

Баъд аз лаҳзае ба дафтари кори ӯ ҷавони навчаи қадбаланди гандумранги ҷисмаш обутобхӯрда ворид шуд. Қаҳҳор Маҳкамов синчакорона ба Муродуллоҳ нигоҳ кард ва дар ӯ солҳои ҷавонии худро дид. Ҳам дар чеҳра ва ҳам дар қаду баст.

Ӯро даъват ба нишастан карду пурсид:

- Шумо ба варзиш машғул ҳастед?

- Бале,- гуфт дар ҷавоб Муродуллоҳ.

- Кадом намуди варзиш?

- Теннис.

Қаҳҳор Маҳкамов қариб буд аз курсӣ боло шавад. Ӯ теннисро дӯст медошт. Қариб ҳар рӯз теннисбозӣ мекард. Аммо гоҳо шарик пайдо намешуд. Ҳоло рӯ ба рӯяш ҷавоне қарор дошт, ки метавонад ҳам шарики теннисбозӣ ва ҳам устоди забони тоҷикӣ бошад.

- Чанд сол аст, ки дар шуъбаи байналмилалӣ кор мекунед?

- Соли сеюм,- кӯтоҳ ҷавоб дод Муродуллоҳ.

Дар суҳбати начандон кӯтоҳ Қаҳҳор Маҳкамов кию чӣ будани Муродуллоҳро донист. Ӯ писандаш омада буд.

Пас аз гусел мудири шуъба Лақим Қаюмовро даъват кард. Аз сатҳи донишу фаҳмиш ва ахлоқи Шерализода пурсид. Ҷавобҳо мусбат буданд.

Ба Муродуллоҳ Шерализода супориш шуд, ки аз рӯзи дигар ба кори муаллимӣ оғоз намояд.

ДАРСИ АВВАЛ

Рӯзи дигар дар соати муқаррашуда дари утоқи Котиби аввал боз шуд. Ҷавони дар тан либоси расмӣ, дар даст бастаи китобу варақҳо назди дар қарор дошт. Нигоҳаш орому боварбахш буд.

- Салом, рафиқ Қаҳҳор Маҳкамович. Иҷозат диҳед, дароям.

Қаҳҳор Маҳкамов бо табассум алек гирифт ва иҷозати ворид шудан дод.

Котиби якум ва муаллим рӯ ба рӯи ҳам қарор гирифтанд. Чанд лаҳза оромӣ фазоро фаро гирифт. Гӯё ду ҷаҳон - сиёсат ва суҳан ба ҳам наздик мешуданд.

- Шумо... забонро дӯст медоред?,- пурсид Маҳкамов.

- Бале, чунон ки модарро дӯст медорам. Забон барои ман ҳам нон дод ва ҳам ном.

Ин ҷавоб ба Маҳкамов писанд омад. Ӯ курсиро каме пеш кашид:

- Ман мехоҳам забони тоҷикиро чуқур омӯзам. Забонро, грамматикаро не. Чунки вақт танг. Бароям дарки забон, нутқи бурро ба забони тоҷикӣ муҳим аст. Ҳангоми раиси "Госплан" будан кӯшиш кардам забони англисиро омӯзам, аммо нобарор баромад.

Қаҳҳор Маҳкамов табассум кард ва идома дод:

- Англисиомӯзиам қиссаи ачиб дорад. Бо як нафар аз "Госплани" СССР маро ба Конго, ба сафари хидматӣ фиристоданд. Боре барои нонхарӣ ба мағоза даромадем. Ба фурӯшанда ишора ба рафе кардам, ки дар он нон меистод. Ҳарчанд кӯшиш кардам, фурӯшанда чӣ хостани моро нафаҳмид. Оқибат маҷбур шудам ба дохил даромада, бо даст нонро нишон диҳам. Он рӯз ният кардам, ки ҳамин ки ба Душанбе баргардам, ба омӯзиши забони англисӣ машғул мешавам. Чунин ҳам кардам. Бо як муаллимаи забони англисӣ қарор шуд, ки баъди кор ҳар рӯз дар хонааш як соат забони англисӣ меомӯзам. Як моҳ давом кард. Як рӯз ҳамсарам ҷанҷолро бардошт, ки гӯё ман бо зане дӯстӣ дорам ва ҳар бегоҳ хонаи ӯ меравам. "Дӯстон" ба ҳамсарам бо ҳамин оҳанг хабар расонидаанд. Фаҳмондам. Аммо, зан - дия, кучо мефаҳмад. Бо ҳамин англисиомӯзиям ба охир расид.

Дарс оғоз шуд. Аммо ибтидо бо чанд сухани муқаддимавӣ. Қаҳҳор Маҳкамов, ки то он дам ба забон ҳамчун воситаи баёни фикр мегарист, фаҳмид, ки забон заминаи ҳастии миллат аст. Ва Шерализода шахсе буд, ки ин заминаро бо эҳтиром ба ӯ меомӯзонд.

ЧӢ ГУНА НУТҚИ РОҲБАРИ ҶУМҲУРӢ ТОҶИКӢ ШУД

Дар толори Кумитаи марказӣ баромади навбатии Қаҳҳор Маҳкамов дар назар буд. Муродуллоҳ Шерализода охирин ҷумларо ислоҳ мекард. Бо лаҳни ширину гуворо. Суханронӣ бояд бо шеър оғоз мешуд. Оғози сухан бо шеър хоси котибони аввал набуд, хусусан онҳое, ки ҳамчун "технократ" шинохта мешуданд. Шеър, дар вокеъ, қисме аз нутқ буд.

- «То забон зинда аст, миллат зинда аст...» - Муродуллоҳ ин ҷумларо хонд ва лаҳзае чашм баста, ба андеша рафт. Ӯ ҳис кард, ки ҷумлаҳо чун шаддаи марҷон ба ҳам бастаанд.

Қаҳҳор Маҳкамов, ки паси миз нишаста буд, лаҳзае хомӯш буд. Сипас сар боло кард:

- Муродуллоҳ, ман омодаам. Шуруъ мекунем?

Бори аввал Котиби якуми ҳизб нутқашро ҳиҷҷа карда мехонд. Замоне, ки калимаҳо нофаҳмо буданд, сар боло мекард ва ҷониби Муродуллоҳ назар меафканд.

- «Ҳамватанон» - ин бехтар аз «граждане», баёни эҳсоси ботин аст, на расмӣ.

- «Масъулият» - вожаи дар сиёсат муҳим. Давлат масъулият дорад, на танҳо қудрат.

Нутқ оҳиста-оҳиста шакл мегирифт. Он дигар маҷмӯи ҷумлаҳои расмӣ набуд. Он сухани зинда буд. Забон мисли об шаффоф, ҷорӣ, ба дил наздик буд.

НУТҚИ АВВАЛ БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Он рӯз, вақте ки Қаҳҳор Маҳкамов дар минбар қарор гирифт ва нахустин ҷумлаҳояшро бо забони тоҷикӣ ба забон овард, гӯё як девори монеазо шикаст. Ҷавонон, пирон, зиёиён ва ҳатто шахсоне, ки забони тоҷикӣ барояшон то ба он дам танҳо забони гуфтугӯи маъмулӣ буд, бо ҳайрат ва ифтихор гӯш медоданд.

- «Ҳамватанони азиз,...».

Ин дам назари Қаҳҳор Маҳкамов ба Лучинский П. К. афтод. Гӯё чашмонаш роҳ дида бошанд, ба як нуқта дӯхта шуда буданд.

(Давом дорад)

ҲАМКОРӢ

ШАРИКОНИ СТРАТЕГӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Дар шаҳри Маскав бахшида ба 34-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳ баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш Сафири Тоҷикистон дар Федератсияи Русия Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода аз рушди кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба бо Русия суханронӣ кард.



Сафир зикр кард, ки муносибатҳои Тоҷикистону Русия хусусияти стратегӣ ва иттифоқӣ дошта, дар асоси эътимоди мутақобила ва манфиатҳои муштарак рушд мекунанд.

«Дар солҳои Истиқлол ҳамкориҳои Тоҷикистону Русия яке аз ҷойгоҳҳои аслии сиёсати хориҷии кишвари моро ишғол намудаанд»,- гуфт Гулмаҳмадзода.

Ӯ афзуд, ки робитаҳои дуҷониба доираи васеи бахшҳоро фаро гирифта, дар соли равон ҳамкориҳо дар сатҳи олӣ тақвият ёфтанд. Аз ҷумла, сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Русия ва гуфтугӯҳо дар сатҳи роҳбарияти олӣ намунаи равшани густариши муносибатҳо мебошанд.

Дар чорабинӣ муовини вазири корҳои хориҷии Русия Александр Панкин низ суханронӣ карда, таъкид намуд, ки Русия яке аз шарикони асосии тиҷорӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мебошад.

«Имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 330 ширкати муштараки Русияву Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Гардиши мол миёни ду кишвар тамоюли афзоянда дорад»,- гуфт Панкин.

Ҳамчунин, ӯ аз густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва фарҳанг ёдовар шуда, зикр кард, ки ҳудуди 27,5 ҳазор донишҷӯи тоҷик дар донишгоҳҳои Русия таҳсил мекунанд ва квотаи таҳсил барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ аз баландтаринҳост: 1000 квота дар як сол.

Сафири Тоҷикистон изҳори умедворӣ кард, ки равобити Тоҷикистон ва Русия дар оянда боз ҳам мустаҳкамтар хоҳанд шуд.

Ёдовар мешавем, ки дар чорабинӣ намояндагони ҳукуматҳои ҳар ду кишвар, вакилони парлумон, дипломатҳо, намояндагони илму фарҳанг, тиҷорат ва ҳамватанони муқими Русия ширкат доштанд.



ТИҶОРАТ

АЗ ДУШАНБЕ ТО МИНСК - ПУЛЕ БАРОИ ҲАМКОРӢ

18-уми сентябри соли равон дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 18-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баргузор мегардад.



Тибқи иттилои Вазорати кишоварзии Тоҷикистон, дар ҷаласаи навбатии комиссия масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба дар самтҳои кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, омодасозии кадрҳо барои комплекси агросаноатӣ, кооператсияи саноатӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Ҳайати расмии иштирокдорони ҷаласа ҳамзамон бо як қатор иншооти муҳими иқтисодию истеҳсолии кишвар, аз ҷумла Майдони Истиқлол, Маҷмааи фарҳангию фароғатии «Кохи Наврӯз», Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи «Агротехсервис» дар шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» шинос мешаванд.

Мавриди ба таъкид аст, ки ҷаласаи 17-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус 5-уми июни соли 2024 дар шаҳри Минск таҳти раёсати вазири кишоварзии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода ва вазири кишоварзӣ ва озуқавории Беларус Сергей Бартош баргузор шуда буд.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

БАРОИ БИЗНЕСИ МУВАФФАҚ ЧӢ МУҲИМТАР АСТ?

Саидмурод Давлатов устоди маъруфи бизнес аст. Ӯ муассиси 24 ширкат дар панҷ кишвар ва муаллифи 16 китоб дар соҳаи тиҷорат мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ зиёда аз 1,3 миллион нафар нозукиҳои соҳибкориро омӯхтаанд.

Ӯ бар он назар аст, ки албатта барои пеш бурдани бизнес дониш муҳим аст, аммо танҳо дониш кофӣ нест. Тафаккури дуруст, рӯҳияи солим ва иродаи қавӣ аз ҳама муҳимтаранд.



Ба андешаи Саидмурод Давлатов, муҳим нест, ки шумо аз кадом зина сар кардаед. Дар оғози роҳ ростқавлӣ ва андешаи созанда қиматтарин сармоя мебошанд.

Тавре таъкид мекунад, “дар зиндагӣ ва фаъолият аз ҳама муҳим барои худ пайдо кардани устод аст. Яъне, ба шумо роҳи корро нишон медиҳад ва иштибоҳҳоятонро ислоҳ мекунад. Ментор ё устоди тачрибадор метавонад роҳнамо шавад, ки шумо ба ҷойи 10 сол дар 3-5 соли наздик натиҷа ба даст оред”.

Бинобар ин, Давлатов таъкид мекунад: “Муҳимтарин қадам пайдо кардани устод аст”.

Саидмурод Давлатов дар як мусоҳибааш ба хабарнигори Pressa.tj чунин изҳор дошт: "Саводнокии молиявӣ барои ғуломи пул набудан аст. Муошират ва худтанзимкунӣ барои сохтани роҳбар ва созандагӣ муҳиманд". Яъне, на танҳо дониши молиявӣ, балки малакаи муошират ва худидоракунии самаранок низ муҳим аст.

Дар навору суҳбатҳои дигар Саидмурод Давлатов таъкид мекунад, ки шумо аввал аз худ оғоз кунед, иваз шавед, ба мағлубиятҳо нигаред, аммо баҳо дихеду устувор бошед. Яъне, дар ҳама кор ирода бояд устувор бошад.

Хулоса, ба андешаи Саидмурод Давлатов, дониш танҳо як пояи муваффақият аст. Аммо барои соҳибкории устувор ва пешрафта ба инсон чор чиз зарур аст:

- Якум, фикр ва рӯҳияи солим.
- Дуюм, устоди боэътимод (ментор).
- Сеюм, маҳоратҳои шахсӣ.
- Чорум, иродаву устуворӣ.

Ҳамин омилҳо метавонанд роҳро кӯтоҳтар ва натиҷаҳоро бузургтар гардонанд.

БАРРАСИИ ВАЗЪИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Суҳбати раиси БМТ Толибзода Фирдавс аз сомонаи Алянси фарогирии молиявӣ (AFI) https://www.afi-global.org/opinion/examining-the-state-of-financial-inclusion-in-tajikistan:

Фарогирии молиявӣ дар Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ роҳи тӯлониро тай кард, вале дар ин самт анҷом додани корҳои зиёд ҳанӯз дар пеш аст. Тайи се соли охир муҳити молиявӣ дар Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт. Имрӯз шумораи бештари одамон ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасӣ доранд. Нишондиҳандаҳои асосии бонкӣ, аз қабили ҷалби пасандозҳо ва додани қарз, кушодани ҳисобҳо ва анҷом додани амалиёти ғайринақдӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамгироӣ ва суботи низоми молиявии мо бештар ва шабакаи дастрасии он васеътар гардид. Дар кишвар 65 муассисаи қарзии молиявӣ фаъолият доранд, ки ин рақобат ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосирро афзоиш додааст.

Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ (СМФМ) барои солҳои 2022-2026 дар пешрафти фаъолият нақши муҳимро адо намуд. Ин стратегия чор самти асосӣ: 1) каналҳои дастрасӣ ва хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, 2) гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ, 3) ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони молиявӣ ва 4) саводнокии молиявиро дар бар мегирад.

То имрӯз 90 фоизи нишондиҳандаҳои марбут ба дастрасӣ ва 81 фоизи нишондиҳандаҳои марбут ба истифода аз хизматрасонӣ иҷро шудаанд ва дар соҳаҳои гуногун пешравиҳои назаррас дида мешавад:

- 11 маротиба афзоиш ёфтани шумораи муштариёне, ки бо истифода аз телефонҳои мобилӣ ё интернет ба ҳисобҳои худ дастрасӣ пайдо мекунанд;

- нишондиҳандаи банкоматҳо аз ҳадафи муқарраршуда 34 фоиз бештар шуд;

- нишондиҳандаи терминалҳои савдои электронӣ аз ҳадафи муқарраршуда 14 фоиз зиёд гардид;

- шумораи муштариёне, ки пардохти рақамӣ анҷом додаанд ё қабул кардаанд, 260 фоиз афзоиш ёфт;

- шумораи муштариёне, ки бо истифода аз ҳисоби ташкилотҳои молиявӣ пардохти хизматрасониҳои коммуналиро анҷом додаанд, 167 фоиз зиёд гардид.

СМФМ ба афзоиш додани имкониятҳи занону ҷавонон ва таъмин намудани баробарии гендерӣ равона шудааст. Тайи солҳои 2020-2024 ташкилотҳои бонкӣ ба занон дар маҷмуъ зиёда аз 2 миллиард доллар қарз додаанд. Танҳо соли гузашта 18 968 қарз ба занони соҳибкор дода шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 27 фоиз зиёд аст. Ин қарзҳо ба ҷалби занони бекор ба соҳибкорӣ, бехтар намудани сатҳи зиндагии онҳо ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ мусоидат намуданд.

Соли 2022 БМТ низоми ягонаи QR-рамзро ҷорӣ намуд, ки он барои дастрасии пардохтҳои рақамӣ, бехатар ва самаранок анҷом додани онҳо шароити мусоид фароҳам овард. Ин низом, ки ба стандарти байналмилалии EMV (Europay, Mastercard, Visa) мутобиқ аст, соли 2023 ба низоми миллии пардохти фаврӣ ҳамгиро шуд.

Ҳамон сол тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуд, ки пардохти ҳама гуна андозҳо, боҷҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ танҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом дода шавад ва ин барои таҳкими инфрасохтори миллии пардохт ва коҳиш додани вобастагӣ аз муомилоти нақдӣ иқдоми муҳим арзёбӣ гардид. Оғози кори Google Pay дар соли 2024 низоми пардохтҳои рақамиро боз ҳам вусъат бахшид, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳад бо телефонҳои дорои технологияи NFC пардохтҳоро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Дар натиҷаи ин ислоҳот, шумораи амалиёти рақамӣ дар саросари кишвар босуръат афзоиш меёбад. Танҳо дар шаш моҳи аввали соли 2025 беш аз 56,3 миллион амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи зиёда аз 2 миллиард доллар бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) анҷом дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи шумора 34,9 фоиз ва аз рӯи ҳаҷм 51,0 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, бо зиёд шудани ҳамгироии муассисаҳои молиявӣ бо шабакаҳои Korti Milli (Корти миллӣ), Visa, Mastercard ва UnionPay дастрасӣ ва таъсиру нуфузи хизматрасониҳои рақамӣ низ афзоиш хоҳад ёфт.

Бо дастрас гардидани хизматрасониҳои молиявӣ муҳим он аст, ки шаҳрвандон тавонанд аз онҳо ба таври бехатар ва самаранок истифода баранд. Барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи молиявии аҳолӣ, бахусус миёни занон ва ҷавонон як қатор ташаббусҳо амалӣ карда мешаванд. Аз соли 2023 то имрӯз БМТ ва шарикони он 25 фестивали саводнокии молиявӣ баргузор кардаанд, ки дар онҳо беш аз 62 000 нафар иштирок доштанд. Инчунин, аз соли 2022 то имрӯз БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ зиёда аз 3 000 чорабинии омӯзишӣ баргузор карда, дар онҳо беш аз 250 000 нафар шаҳрвандонро фаро гирифтаанд. Солҳои охир Тоҷикистон бо дастгирии қавии шарикон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар пешбурди фарогирии молиявӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, як қатор самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла таъмин намудани дастрасии баробар ба хизматрасониҳои молиявӣ дар тамоми минтақаҳо, тақвияти муҳити қонунгузорӣ ва танзимкунанда барои дастгирии молияи рақамӣ, густариши истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, афзоиши амалиёти ғайринақдӣ, маҳсулоти молиявӣ, аз ҷумла суғурта, тақвияти ҳамоҳангӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, бахусус миёни занон, ҷавонон, сокинони деҳот ва хонаводаҳои камбизоат таваҷҷуҳи ҷиддиро талаб мекунанд. БМТ дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои миллӣ таҳияи қарорҳои инноватсионӣро идома хоҳад дод. Самтҳои афзалиятнок барои давраи минбаъда инҳоянд: зиёд намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистон, ҷорӣ намудани механизмҳо барои бехтар намудани андозагирии истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиш додани имкониятҳои занон, ҷавонон, соҳибкорони хурду миёна (SME), шахсони маъюб, муҳоҷирон ва хонаводаҳои камбизоат, баланд бардоштани сатҳи умумии саводнокии молиявӣ, рушди бахши FinTech ва таҳкими заминаи меъёрии танзим барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, бахусус дар соҳаи хизматрасониҳои рақамии молиявӣ ва суғурта. Дар заминаи СМФМ барои солҳои 2022-2026 ин ташаббусҳо ба рушди устувор, фарогир ва фанноваришудаи молиявӣ равона шудаанд.

Аз номи Бонки миллии Тоҷикистон миннатдории самимии худро ба Алянси фарогирии молиявӣ (AFI) барои дастгирии доимӣ аз рӯзи аввали узвияти мо ба ин ниҳод иброз менамоям. AFI дар тавсеаи дастрасии молиявӣ, пешбурди саводнокии молиявӣ ва фароҳам овардани шароити истифода ва мубодилаи таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ барои Тоҷикистон нақши муассир дорад. Ба туфайли ин ҳамкорӣ Тоҷикистон аз мубодилаи дониш, имкониятҳо ва инноватсияҳои сиёсӣ дар самти рушди FinTech, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, молияи фарогири сабз, рақамисозии хизматрасониҳои молиявӣ ва пешбурди сиёсати муассир бархӯрдор гардид. Ин кӯшишҳо ба таҳкими заминаи танзим ва роҳандозии низоми фарогири молиявӣ, ки хонаводаҳо, соҳибкорон ва тиҷорати хурдро дар саросари кишвар дастгирӣ мекунад, мусоидат намуданд.

Мо ба шарикии худ бо AFI баҳои баланд медиҳем ва омодаем ҳамкориро барои густариш додани фарогирии молиявӣ ва афзудани имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир идома дода, ба рушди устувор ва инноватсионии иқтисоди Тоҷикистон мусоидат намоем.



ТАҶЛИЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

6 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2025 ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ИШТИРОКИ МУОВИНИ ЯКУМИ САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲБАРИЯТИ БОНК ҶАЛАСАИ БОШУКӮҲИ ИДОНА БАРГУЗОР ГАРДИД.

Раиси БМТ Толибзода Фирдавс Назримад дар оғоз аҳли нишастро ба ифтихори 34-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ табрик гуфта, қайд кард, ки дар таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим мебошад. Таҳти раҳбарии хирадмандонаи Сарвари давлат асосҳои қонунии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъмин гардида, самтҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоии кишвар муайян карда шуд. Аз ҷумла, ташаккули низоми бонкдории муосири Тоҷикистон бо шарофати Истиқлоли давлатӣ муяссар гардида, дар рушду таҳкими низоми бонкии мамлакат тавсияву ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат нақши калидӣ доранд. Маҳз бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат дар Тоҷикистон ду маротиба, яъне солҳои 1995 ва 2000-ум ислоҳоти пулӣ гузаронида шуда, кишвари мо соҳиби пули миллии худ гашт. Ба муомилот ворид шудани пули миллии сомонӣ, ки имсол 25-солагии онро таҷлил хоҳем кард, на танҳо падидаи муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, балки оғози рушду нумуи иқтисодиёт ва дигаргуниҳои мусбати ҳаёти ҷомеаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

- Имрӯзҳо низоми бонкии мамлакат ҳамгироии худро бо низоми бонкии ҷаҳонӣ таҳкиму тақвият бахшида истодааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки бо такя ба дигар дастовардҳои даврааи Истиқлол рушди босуботи низоми бонкии кишварро мақсади асосӣ ва ҳадафи олии фаъолияти минбаъда қарор диҳем, - қайд намуд Толибзода Ф.Н.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло низ дар навбати худ қайд кард, ки Истиқлоли давлатӣ барои ҳар фарди меҳандӯст азизу муқаддас ва далел аз худшиносии милливу ватандорист. Маҳз бо шарофати Истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати озоду соҳибихтиёр гардида, забону фарҳанги тоҷикӣ ва арзишҳои миллӣ рушд ёфтанд. Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо кишварамон дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ, рушди бомароми иқтисодиёт, соҳаҳои иҷтимоӣ, маорифу тандурустӣ ва умуман таъмини зиндагии шоистаи мардум қадамҳои устувор мегузорад.

Баъдан, дар маросими тантанавӣ аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси департаменти назорати бонкии БМТ Бердиев М.З мукофоти давлатӣ - медали «Хизмати шоиста» супорида шуд. Зимнан таъкид гардид, ки роҳбарияти кишвар ҳар иқдому ташаббуси созанда ва заҳмати содиқонаи шаҳрвандонро қадр мекунад. Изҳори боварӣ карда шуд, ки мутахассисони бонк минбаъд низ донишу таҷриба ва маҳорату малакаи худро барои рушду нумуи Ватан равона месозанд.

Дар рафти чорабинӣ, инчунин дар доираи таҷлил аз ҷашни Истиқлоли давлатӣ як қатор кормандони Дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии бонк барои хизмати шоиста ва саҳми арзанда дар рушду инкишофи низоми бонкӣ бо нишони “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон”, Ифтихорнома ва Сипосномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Дар қисмати хотимавӣ муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бори дигар ҳамаи иштирокдоронро бо ҷашни фархунда ва таърихӣ табрик намуда, таъкид карданд, ки ҳар як шаҳрванди ватандӯст бояд ба қадри истиқлолият расад. Ҳифзу пос доштани он вазифаи муқаддаси наслҳои имрӯзу оянда буда, бо ваҳдат ва меҳнат Тоҷикистони азиз боз ҳам ободтар мегардад.



Малика Қаландарова:

ТОҶИКИСТОН МАРО ФАРОМӮШ НАКАРДААСТ...

“МАН ДУХТАРИ ТОҶИКИСТОНАМ, ДУХТАРИ ДУШАНБЕ ҲАСТАМ. ИН ҶО ЗОДА ШУДАМ, БОРИ АВВАЛ ДАР ИН ҶО БА САҲНА БАРОМАДАМ, БОРИ АВВАЛ РАҚСИДАМ, ДАВРАҲОИ ТИЛЛОИИ УМРАМ, БАЧАГИВУ ҶАВОНИАМ ДАР ДУШАНБЕ СИПАРӢ ШУД. АЗ ИН ИФТИХОР МЕКУНАМ!”,- МЕГӮЯД УСТОДИ РАҚСИ МИЛЛИИ ТОҶИК, ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ МАЛИКА ҚАЛАНДАРОВА.

ПАДИДАИ ҲУНАР

Ӯ дар таърихи ҳунари тоҷик падидаи нодир (феномен) аст. Дар 22-солагӣ унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, дар 26-солагӣ унвони Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон, дар 34-солагӣ унвони Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шуравӣ ва баъдан барандан Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ...

Вале алоқамандони ҳунар Малика Қаландароваро на барои унвонҳояш, балки барои ҳунари нотакрораш дӯст медоранд, ба он хотир, ки ӯ ба воситаи рақс зебоиҳои зиндагӣ, сарнавишти инсонро бо шодиву нишот ва ғаму андуҳ инъикос мекунад. Дар рақси ӯ инсонҳо орзуву ормонҳои хешро мебинанд...

ХУМОРИ ЁРУ ДИЁР

Ҳамин муҳаббат аст, ки мухлисони Малика Қаландароваро шоми 6-уми сентябр дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев ҷамъ овард, ба шоми эҷодии ин ҳунарманди нотакрор, ба маҳфили “Хумори ёру диёр”. Ин шоми пуршукӯҳ бахшида шуда буд ба 75-солагии мавлуди устоди рақс Малика Қаландарова ва онро гурӯҳи расонаҳои “Ориёно Медиа” (Радиои Имрӯз) ташкил карда буд.

Дар ин шоми эҷодӣ Малика Қаландарова панҷ бор либоси рақсиашро иваз кард ва таҳти сурудҳои сарояндагони маъруф Афзалшо Шодиев, Мастона Эргашова, Сурайё Қосимова, Шабнами Сурайё, Сабоҳат Наҷмиддинова, Ҷовидон Нозимов ва Лоиқи Давлатманд дар саҳна рақсид. Ансамблҳои рақсии “Лола” ва “Зебо” низ дар ин ҷашни ҳунарӣ ширкат варзиданд. Тамара Катаева, сарояндаи номдори ансамбли эстрадии “Гулшан” низ аз Амрико меҳмони вижаи ин маҳфил буд. Обид Назариён, муовини якуми вазири фарҳанги Тоҷикистон номаи вазири фарҳангро қироат кард.

Он чӣ дар ин маҳфил ҳамагонро ба ҳайрат оварда, рақсҳои ҷаззоби Малика Қаландарова буд. Ӯ дар 75-солагӣ ҳамоно бо рақсҳои пуршӯраш ҳамагонро ба ҳайрат меовард.

Аз суҳбати Малика Қаландарова:

Бисёриҳо бо ҳайрат аз ман мепурсанд, ки чаро тағйир наёфтааму рақсҳоям ҳанӯз зебову пурҳаракатанд? Дар посух ҳамеша мегӯям, ки дили ман, рӯҳи ман ҷавон аст. Бале, рост аст, ки вақт ба одам таъсир мегузорад. Пештар кор зиёд буд, консертҳои боҳашаммат мегузаронидем, инчунин сафарҳои ҳунарӣ кори зиёд талаб мекарданд. Масалан, се моҳ дар Ҷопону Фаронсаву Амрико, ду моҳу як моҳ дар Ҳиндустону Покистону Эрону Афғонистон ва дигар мамлакатҳо сафар мекардем. Аз ин рӯ маҷбур будам, ки аз ҳар гуна ғизо парҳез кунам. Вақте ба Ню-Йорк кӯчидем, ба хулосае омадам, ки дигар парҳез накунам. Аммо чанде пеш ба оина нигоҳ кардаму гуфтам: О ту ба кӣ монанд шудӣ, Малика? Худатро ба даст гир! Акнун қариб як сол мешавад, ки ҷиддӣ ба рақс машғулам. Вазни зиёдатиро партофтам...

ДУХТАРИ САРТАРОШ

Ному насаби аслии Малика Қаландарова - Мазол Яшуваевна Калантарова аст. Ӯ 2-юми сентябри соли 1950 дар оилаи як сартароши оддӣ ба дунё омадааст. Ягон нафар аз аҳли хонаводааш ба санъат иртибот надоштанд. Вале ӯ аз кӯдакӣ ба рақсидан шавқ дошт ва нахуст аҳли хонаводаву пайвандон ва баъдан дар мактаб, хонаи маданият ва студияи кӯдаконаи Театри Маяковский рақсҳои ӯро тамошо кардаву барояш каф кӯфтанд.

Аз суҳбат бо Малика Қаландарова:

Соли 1965 ансамбли давлатии «Лола» таъсис ёфт ва устоди рақс Ғаффор Валаматзода роҳбари он таъйин гардиданд. Дар рӯзнома хондам, ки барои ин дастаи ҳунарӣ духтаронро интихоб мекунанд. Ман аз лагери пионерӣ баргашта, ҳатто иҷозати падару модарро нагирифта, ба Театри Сабз шитофтам. Либосҳои оддии хонагӣ доштам ва дар байни духтарони ороёфта ва қоматбаланду хушлибос касе ба ман диққат намедод. Духтарон бо навбат дар назди Валаматзода ҳунари худро нишон мededоданд. Дар охир ман гуфтам: «Ман ҳам рақсидан мехоҳам!”. Ӯ бо шубҳа ба ман нигоҳ карда, пурсид: “Чанд сол дорӣ?”. «Ҳоло 14, моҳи сентябр 15-сола мешавам». “Шумо ҳоло хурд ҳастед, калонтар шавед, меоед”,- гуфтанд Валаматзода. “Не, ман интизор шуда наметавонам”,- гуфтам ман ва аз навозанда хоҳиш кардам, ки оҳанги «Фарғонагӣ»-ро навозанд ва худ шуруъ ба рақс кардам. Ҳамин тавр, рақҳосаи ансамбли рақсии “Лола” шудам.

Бо сабаби машқҳои пай дар пай, Малика аз мактаби миёнаи №3 ба мактаби шабона гузашт. Вақте сафари ҳунарӣ оғоз шуд, маҷбур шуд мустақилона таҳсил кунад. Ӯ бо ансамбл тамоми Иттиҳоди Шуравиро гашт. Баъдтар, ӯ дар саҳнаҳои бузурги Белгия, Ҷопон, Афғонистон, ИМА, Испания, Туркия ва Ҳинд ва дигар кишварҳо ҳунарнамоӣ ва рақси тоҷикиро муаррифӣ кард.

“ШОДИЁНА”

Соли 1979 хорреографи машҳури Шуравӣ Игор Моисеев аз Малика Қаландарова хоҳиш кард, ки ягон асари рақсиро ба саҳна гузорад. Малика рад кард, зеро ӯ намехост, ки мустақил аз устодаш Ғаффор Валаматзода коре анҷом диҳад.

(Давомаш дар саҳ. 13)



Тамара Катаева ва Малика Қаландарова дар пазироии вазири фарҳанги кишвар Матлубахон Сатториён

ҲАМХОРИИ БУНЁДИ LIVES & LIVELIHOODS ДАР ҲАҚИ МОДАРОН ВА КӮДАКОНИ ТОҶИК

Масъалаи ҳифзи саломатии модару кӯдак ҳамеша дар мадди назари давлату Ҳукумати кишвар қарор дорад, зеро солимии ҷомеа аз солимии ҳар як узви он вобаста аст. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, хоса ба занон ва кӯдакон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар шарикони рушд тадбирҳои судманд меандешад. Яке аз чунин қадамҳои муваффақ амалӣ гаштани лоиҳаи "Ҳифзи саломатии модарон, навзодон ва кӯдакон (MNCH)" мебошад, ки бо дастгирии Бунёди Lives & Livelihoods (Ҳаёт ва воситаҳои зиндагӣ) (LLF) дар вилояти Хатлон амалӣ карда шудааст.



Бунёди Lives & Livelihoods (Ҳаёт ва воситаҳои зиндагӣ) (LLF) як ташаббуси бисёрҷонибаи донории 2,5-миллиарддолларааи ИМА мебошад, ки онро бонки Исломии рушд (IsDB) дар ҳамкорӣ бо Бунёди рушди Абу-Даби, Бунёди Гейтс, Бунёди ҳамбастагии исломӣ барои рушд, Маркази кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон ва Бунёди рушди Қатар роҳбарӣ мекунад.

ҚАДАМҲОИ МУВАФФАҚ ДАР ҲИФЗИ САЛОМАТИИ МОДАРОН ВА КӮДАКОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Лоиҳаи "Ҳифзи саломатии модарон, навзодон ва кӯдакон (MNCH)" дар 4 ноҳияи пилотии вилояти Хатлон - Данғара, Норак, Балҷувон ва Ховалинг ба муҳлати 4 сол амалӣ гашта, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, мубориза бо бемориҳои сироятӣ, пешгирии хатари марги модару навзод ва кӯдакони то 5-сола аз ҳадафҳои асосии лоиҳаи мазкур мебошанд.

Дар доираи лоиҳаи Ҳифзи саломатии модарон, навзодон ва кӯдакон (MNCH)" бо дастгирии Бунёди Lives & Livelihoods (Ҳаёт ва воситаҳои зиндагӣ) (LLF) дар 4 ноҳияи пилотии вилояти Хатлон корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла дар ноҳияи Данғара як маркази бисёрфункционалии тиббӣ бунёд ёфта, беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинг аз нав таъмиру бозсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ таъмин карда шуданд. Аз ҷониби донорҳо ба беморхонаҳои мазкур 12 адад мошинҳои нави "Ёри таъҷилӣ" туҳфа шудааст, ки бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ мучаҳҳаз буда, барои дар шароити сахти кӯҳистон сари вақт расонидани ёрии тиббӣ ба беморон, махсусан занони ҳомила ва кӯдакон кумак мерасонанд. Дар доираи ин лоиҳа ҳамчунин 42 маркази тиббӣ ва 87 бунгоҳҳои саломатӣ бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ таъмин гашта, 2300 нафар кормандони тиб аз курсҳои бозомӯзӣ гузаронида шудаанд.

Туфайли ин лоиҳаи муваффақ сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ беҳтар гашта, назорати занони ҳомила дар давраи пеш аз таваллуд аз 50% ба 70% зиёд шудааст ва шумораи таваллуд дар таваллудхона то ба 1500 афзудааст. Дар маҷмуъ дар 4 ноҳияи пилотӣ 62000 нафар занон ва кӯдакон дар доираи ин лоиҳа аз хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ баҳра бардоштаанд.

БОЗДИДИ ДОНОРҲО АЗ НАТИҶАҲОИ ЛОИҲА

Санаи 2-юми сентябр донорҳо аз Бунёди Lives & Livelihoods (Ҳаёт ва воситаҳои зиндагӣ), ки ин рисолати муҳимро анҷом додаанд, бо сарварии ҷаноби Алӣ Хон, сарвари минтақавии Бонки Исломии Рушд дар Алма-Ато, Бандара Алховейша, мудири шуъбаи идоракунии Бунёди Ҳаёт ва воситаҳои зиндагӣ ва дигар меҳмонони оликадр ба Тоҷикистон ташриф оварданд, то бо натиҷаҳои лоиҳаи мазкур аз наздик шинос шаванд. Иштирокчиёни рисолат 3-юми сентябр ҳамроҳи Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода ва дигар намояндагони ҳукумати маҳаллӣ ба вилояти Хатлон сафар карда, аз Маркази замонавии бисёрфункционалии тиббӣ дар Данғара дидан намуданд ва дастовардҳои назаррасро дар соҳаи ҳифзи саломатии модарон, навзодон ва кӯдакон, ки дар натиҷаи ин шарикӣ ба даст оварда шудааст, бо чашми хеш дида, мустақиман бо кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ сухбат намуданд, то фоидаҳои назарраси лоиҳаро арзёбӣ намоянд.

Ҷамолиддин Абдуллозода, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон барои саҳми арзандаашон дар бунёди ин маркази тиббӣ ва умуман беҳдошти соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон ба меҳмонони оликадр ва донорҳо изҳори сипос намуда, зимни суханронии худ аз ҷумла чунин гуфт: "Бонки исломии рушд яке аз шарикони стратегии Тоҷикистон буда, чандин лоиҳаҳои муваффақро дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ дар кишвари мо дастгирӣ кардааст. Яке аз чунин лоиҳаҳои муфид бунёди Маркази бисёрфункционалии тиббӣ дар ноҳияи Данғара мебошад, ки санаи 24-уми майи соли 2024 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гашта, зиёда аз як сол инҷониб ба мардум хизматрасониҳои босифати тиббиро пешкаш карда истодааст. Ин марказ, ки туфайли шарикии дастаҷамъонаи бонки Исломии рушд (IsDB), Бунёди рушди Абу-Даби, Бунёди Гейтс, Бунёди ҳамбастагии исломӣ барои рушд, Маркази кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон ва Бунёди рушди Қатар мебошад, дар беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ дар минтақа саҳми арзанда дошта, барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои рушди стратегӣ кумак мерасонад...".

ТИБИ ЗАМОНАВӢ - БАРОИ МАРДУМИ КӮҲИСТОН

Тавре Шерафган Сатторов, роҳбари лоиҳа зимни суҳбат бо мо гуфт:

- Лоиҳаи мазкур дар давраи солҳои 2020-2024 дар 4 ноҳияи пилотии вилояти Хатлон бо сарфи беш аз 22,91 миллион доллари амрикӣ амалӣ карда шуда, беморхонаҳо, марказҳо ва бунгоҳҳои тиббии дар доираи ин лоиҳа бунёдёфта ва таҷдиду бозсозишуда бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ аз ҷониби донорҳо таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла дар Маркази бисёрфункционалии тиббии Данғара беҳтарин таҷҳизоти тиббии замонавӣ, аз қабили дастгоҳи МРТ-томографияи компютерӣ, ултрасадои сатҳи баланд, дастгоҳҳои муосири лабораторӣ, рентгени рақамӣ, дастгоҳҳои зарурӣ барои амалиёти ҷарроҳӣ ва дигар таҷҳизоти босифати тиббӣ мавҷуд буда, зарурати барои ташхис ва табобат ба пойтахт сафар кардани сокинони минтақаро пурра аз байн бурдааст.

Санаи 4-уми сентябр дар меҳмонхонаи "Hyatt Regency"-и шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони сарпарастон-донорҳои лоиҳа нишасти матбуотӣ доир гашта, зимни посух гуфтан ба саволҳои хабарнигорони тоҷик меҳмонон аз натиҷаҳои лоиҳа изҳори хушнудӣ намуданд.

Фирӯза Сатторӣ

ТОРОБХОҶА ИБНИ УМАРХОҶА

ва ташкили давлати тоҷикон дар мулки Чин

Истиқлол дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти арзишҳои тамаддуну фарҳангии миллӣ заминаи устувору пойдор фароҳам оварда. Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи дақиқу ҳамаҷонибаи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва шахсиятҳои намоёни фарзандони тоҷик яке аз вазифаҳои асосии имрӯзаи олимони тоҷик мебошад.



Мулла-Тераш-Ходжа, чрезвычайный посланник Эмира Кашгарского къ Государю Императору. (Рис. К. Брожъ, грав. Д. А. Скрыпицынъ).

Миёни абармардони тоҷике, ки дар асри XIX фаъолият ва зиндагонӣ намудаанд, мақоми сиёсатмадор ва лашкаркаши варзидаи тоҷик Торобхоҷа ибни Умархоҷа (1831-1916) басо рангину пуразриш буда, мавриди таҳқиқ кардан мебошад. Дар айёми зинда будани Торобохоҷа дар бораи ӯ сайёҳону дипломатҳо, арбобони сиёсӣ Роберт Ша, Г. Хейворд, Д. Ч. Боулҷер, Н. Куропаткин ва олимони рус, уйғуру тоҷик Шаҳидӣ А., Д. Исиев, А. Хоҷаев, Ҳ. Шарифов даҳҳо мақолаву достонҳо, рисолаҳои илмӣ дар бораи ҷараёни зиндагӣ ва ҷаҳду талошҳояш барои ташкил намудани давлати Ҳафтшаҳр дар мулки Чин навиштаанд.

Моҳи октябри соли 1864 оташи хуруҷи мусалллаҳонае саросари Синзянро фаро гирифта буд. Сол 1865 Торобхоҷа ҳамроҳи Яъқуббеки Бадавлат (1820-1877) бо лашкари 40-нафараи худ бар зидди хитоиҳо шӯриш бардошта, шаҳри Кошғарро фатҳ намуданд ва онҳоро аз сари ҳокимият дур намуда, ба таъсиси давлати тоҷикон дар мулки Чин асос гузоштанд. Торобхоҷа ибни Умархоҷа тавонист бо ҳамсафони худ қариб тамоми Туркистони Шарқиро дар ҳудуди давлати Ҳафтшаҳр муттаҳид намояд, ки ҳудуди он 15 млн км 2-ро ташкил мекард. Аз ҷиҳати маъмурӣ давлат аз 12 вилояти асосӣ ва 5 вилояти ғайриасосӣ иборат буд. Аз рӯйи маълумоти А. Д. Исиев, ба ҳайати давлати Ҳафтшаҳр шаҳрҳои Кошғар, Ярканд, Хота, Оксу, Куча, Куҳна, Турфон, Тошқӯрғон ва як қисми Бадахшони имрӯза ҳам дохил мегардид. Ҳаштод фоизи амалдоронро уйғурҳо ва 20 фоиз тоҷикон, хуқандӣ, туркӣ ва афғон ташкил медоданд. Дар замони ҳукмронии тоҷикон дар Туркистони Шарқӣ гадоӣ, оворагардӣ барҳам хӯрд. Ҷавонон ба сафи ҳарбӣ давъат шуда буданд. Дар ин давра заминҳо ба ихтиёри давлат мегузарад. Замин ва амволи феодолҳои хитоӣ, бекҳо ва хоҷаҳое, ки тартиботи кӯҳнаро дастгирӣ карда буданд, ба ихтиёри давлат гузаштанд, ки номи «замини амирӣ»-ро дошт. Ин заминҳо бо иҷозати амир фурӯхта мешуд ва маблағи он ба хазинаи амир дохил мешуд, заминҳои вақфӣ торафт васеъ мегаштанд, танҳо дар Ёркент 150 масҷид ва 28-30 мадраса амал мекард, ки ҳамаи онҳо соҳиби вақф буданд. Аксарияти деҳқонони Ҳафтшаҳр деҳқонони озод буданд. Давлати Ҳафтшаҳр бо давлатҳои Русия, Англия, Туркия, Аморати Бухоро равобити сиёсиву иқтисодӣ ва дипломатӣ дошт. Тоҷикон дар Туркистони Шарқӣ давлати осоиштаву пуриқтидор барпо карда, бо он беш аз 12 сол ҳукмронӣ намуданд. Агарчи дар сиёсати берунааш баъзе камбудиҳо содир шуда бошад ҳам, дар сиёсати дохилӣ давлати ташкилкардаи онҳо адолатпарварӣ буд.

Зиндагиномаи ин марди шариф сазовори ҳаматарафа омӯхтан аст ва он барои ҷавонони Тоҷикистон метавонад намунаи ибрат бошад.

Бахтовар ТЕМИРЗОДА,
муаррих

МОДАР ВА СЕ КӮДАКАШРО КӢ КУШТ?

Ҳодисаи гӯшношунид дар ноҳияи Рӯдакӣ

Дар деҳаи Дарёободи ноҳияи Рӯдакӣ ҷасади як зан бо се фарзандашро дар хонаашон пайдо кардаанд. Ҳодиса шоми ҷумъаи 5-уми сентябр рух додааст. Ба нақли ҳамсояҳо, ҷасади модару ду духтар ва як писарашро баъди ду рӯзи марг пайдо карда ва рӯзи 9-уми сентябр онҳоро ба хок супоридаанд.





Аммо то ҳол мақомот шарҳ надодаанд, ки ин модар ва се фарзанди ӯ дар кадом шароит ҷон бохтаанд ва оё дар робита ба ин ҳодиса касе боздошт шудааст ё не. Ва ин марги мармузу сукути мақомот сокинони деҳаро тарсонидааст.

Радиои Озодӣ бо такя ба нақли ҳамсояҳои ин оила менависад, ки ҳодиса шоми ҷумъаи 5-уми сентябр рух додааст. Он рӯз ҳамсояҳо бори охир ин занро дидаанд. Онҳо гуфтаанд, ки ҷасади модару ду духтар ва як писарашро баъди ду рӯзи марг пайдо кардаанд.

“Номи зан Шаҳло аст. Духтаронаш Ҳабиба ва Ҳамида ва писараш Шараф ном доштанд. Писар синфи 6 ва духтаронаш дар синфи 9 ва 10 таҳсил мекарданд. Шавҳари зан дар муҳоҷирати кори буд, баъди ҳодиса ба Тоҷикистон омад. Шаби ҳодиса зан бо ҳамин се фарзандаш дар хона будаанд”,- гуфтаанд ҳамсояҳои ин зан ба Радиои Озодӣ.

Ин расона менависад, шавҳари зан аз Русия ба ҳамсояҳо занг зада гуфтааст, ки ба хонааш раванд, чун телефони хонаводааш кор намекунад. Ӯ хоҳиш кардааст, ки “як бор бинед ку дар кучо бошанд”.

“Вақте зани ҳамсоя бо як ҳамсояи дигар вориди хона мешаванд, мебинанд ҳама ҷо кофтагӣ, бӯйи ғализ мебарояд. Як ҷойгаҳро мебинанд, ки писараш даҳонаш бо “скотч” печонидагӣ, мурдааст. Доду фарёд карда, мебароянд. Баъд милиса омада, дар хона ҷасадҳоро мебинанд”,- гуфтааст ҳамсуҳбати Радиои Озодӣ.

Дар робита ба ин ҳодиса мақомоти расмӣ изҳороте нашр накардаанд. Маълум нест, ки ин зан ва се фарзанди ӯ дар чӣ шароит ҷон додаанд ва оё дар робита ба ин касе гумонбар аст ё боздошт шудааст ё не.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳое аз маросими ҷанозаи аҳли ин хонавода нашр шудаанд.

Бо ба даст омадани шарҳи бештар мо ба шумо иттилоъ хоҳем дод. Сомонаи мо - pressa.tj ва саҳифаҳои онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ кунед.



САГҲОИ ДАЙДУ 17 НАФАРРО ЗАХМӢ КАРДАНД

Дар пайи ҳамлаи сагҳои оворагард дар деҳаи Гулхании шаҳри Ҳисор 17 нафар осеб дида, ба беморхона интиқол ёфтаанд.

Ҳодиса бегоҳи рӯзи ҷумъа, 5-уми сентябр рух додааст. Илҳом Қараев, сардухтури беморхонаи ин шаҳр ҳодисаро тасдиқ карда, гуфтааст, ки аксарият аз рӯй ва даст зарар дидаанд. Беморон ҳама дар як рӯз муроҷиат кардаанд.

Ҳоло, ба гуфтаи вай, 6 нафар, ки аксарият наврасонанд, дар беморхона бистариянд ва дигарон пас аз гирифтани эм ё ваксина ҷавоб дода шудаанд. Қараев афзуд, ки вазъи саломатии афроди аз ҳамлаи сагҳо зарардида вазнин нест.

"Рӯзи чоршанбе ҳамаашро як бори дигар аз назар мегузаронем ва ҷавоб медиҳанд. Ҳамааш Иммуноглобулин (муқовимати дарунӣ) гирифтаанд, чун ин кӯдакҳо аз рӯй зарар дидаанд. Аз рӯйи тақвим чӣ тавре, ки муайян шудааст, боқимондаи доруро ҳам мегузаронем".

Дар аксҳое, ки корбарон фиристодаанд, чанд кӯдаке дида мешавад, ки бо сару рӯйи хуншору баста дар беморхона қарор доранд.

ИШҚИ ХУНИН

Ҷавон чаро дӯстдоштаашро кушта, оташ зад?

Мақомоти кишвар як ҷавони 20-соларо бо гумони куштори бераҳмонаи духтари 19-солае, ки зоҳиран дӯстдоштааш будааст, дастгир кардаанд. Вазорати корҳои дохилӣ аз гумонбаршуда ном набурда, танҳо гуфтааст, ки сокини ноҳияи Зафаробод аст.



Ба гуфтаи ин ниҳод, ҷавони 20-сола рӯзи 5-уми сентябр аз ҳисси рашк бинобар сабабе, ки оилаи духтар хостгории ӯро рад кардаанд, ҷавондухтари 19-соларо ба ҷои номаълуме бурда, бо корд “16 маротиба ба узвҳои ҳаётан муҳимаш зарба задааст”.

Сипас, ба қавли мақомот, гумонбаршуда ҷабрдидаро ба дохили як бинои сохтмонаш нотамом дар деҳаи Логин дароварда, бо бензин оташ зада, ба қатл расонидааст. Духтар ҳам сокини ноҳияи Зафаробод будааст.

Мақомот алайҳи гумонбаршаванда бо қисми 2-и моддаи 104 (одамкушӣ) парванда боз кардаанд. Ин банди қонунгузорӣ аз 15 то 25 соли зиндон ҷазо пешбинӣ мекунад.

Куштор дар заминаи рашк дар Тоҷикистон бори аввал нест, ки рух медиҳад. Соли гузашта як ҷавонзани 33-солаи сокини ноҳияи Варзоб ва модари 4 фарзанд ба он муттаҳам шуд, ки дар заминаи рашк шавҳарашро корд задааст.

Пештар аз ин, як сокини 38-солаи ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд ҳам дар пайи рашк ҳамсарашро кушта буд.

Муҳоҷират



МУҲОҶИРОН БЕ ОИЛА БИЁЯНД

- Як гурӯҳи вакилон аз фраксияи "Русияи боадолат - Барои ҳақиқат" (“Справедливая Россия - За правду”) таҳти сарварии раиси ҳизб Сергей Миронов, вакиле, ки ба муҳоҷирситезӣ шинохта мешавад, ба Думаи давлатии Русия лоиҳаи қонунеро пешниҳод кардаанд, ки бо худ овардани оилаи муҳоҷиронро манъ мекунад,- хабар медиҳад, хабаргузории ТАСС.

Муаллифони лоиҳа иддао кардаанд, ки оилаҳои муҳоҷирон ба мактабҳо, боғчаҳо ва низоми тиббии Русия фишор меоранд, дар ҳоле ки андоз ва пардохти иҷозатномаи кор (патент)-и онҳо харочоти буҷетро ҷуброн карда наметавонад. Онҳо барои ин иддаои худ ягон далел ироа накардаанд.

Ба қавли вакилони рус, иҷрои ин мамнуият метавонад ҷараёни муҳоҷиратро 15-20% коҳиш диҳад.

Дар ин тарҳ пешниҳод шудааст, ки ин маҳдудият ба шаҳрвандони Беларус ва "мутахассисони баландихтисос" ҷорӣ нашавад.

Сергей Миронов зикр кардааст, ки ин ташаббус “барои гузаштан ба низоми кори муваққатии муҳоҷирон дар Русия иқдоми муҳим” хоҳад буд.

ТАНЗИМИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ

Ҳамзамон, вакилон аз фраксияи "Одамони нав" ("Новые люди") таҳти сарварии Алексей Нечаев лоиҳаи қонунро пешниҳод намудаанд, ки ба танзими интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон равона шудааст.

Дар лоиҳа манъи интиқоли пул ба хориҷа аз ҷониби кормандони хориҷӣ, ки аз маоши расмии моҳонаи онҳо зиёдтар аст, пешниҳод шудааст. Ин ташаббус тағйирот ба Қонун “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”-ро дар назар дорад.

Муаллифон зикр мекунанд, ки соли 2023 муҳоҷирони корӣ маблағи рекордӣ - зиёда аз 18 млрд доллар ба ватан интиқол додаанд.

Дар шарҳи лоиҳаи қонун инчунин таъкид мешавад, ки дар меъёрҳои амалкунанда назорати бояду шояд ба мувофиқати ҳаҷми интиқол ба даромади расман тасдиқгардида пешбинӣ нашудааст. Ба ақидаи таҳиягарони он, лоиҳаи нави қонун бояд аз интиқоли маблағҳое, ки ба даст овардани он тариқи ҳуҷҷат тасдиқ нашудааст, пешгирӣ кунад.

10 ФОИДАИ КАРАМ

Карам барои саломатии инсон фоидаи калон дорад. Дар таркиби он қанд, кислотаҳои органикӣ, витаминҳо (С, Р, В, В2, РР, К, Е) ва каротин, пантотен ва кислотаи фолий, равған, ферментҳо, калий, калтсий, йод, марганес, оҳан ва намакҳои дигар элементҳо ҳаст. Барги карами резакардаро ба сӯхтаҳо, ҷойи хунукзада, захмҳои пӯст компресс кунанд, шифо ёфтани захмҳоро метезонад.

Пайвасткунакҳое, ки дар карам ҳастанд, фаъолияти рӯдаҳоро бехтар, организмро аз токсинҳо ва холестеринҳои гуногун тоза мекунанд ва дар рӯдаҳо микрофлораи судмандро ташкил медиҳанд.

Нӯшидани шарбати карам метавонад панкреатит, захми меъда, гастрит, холетсистит, пиэлонефрити музминро табобат кунад.

Барои кам кардани миқдори шакар дар хун, ба шарбати карам оби ширгарм илова кунед ва ним соат пеш аз хӯрок чоряк истакон нӯшед.

Ҳангоми зардпарвин, қабзият, гастрит, дисбактериоз ва хастагии доимӣ нӯшидани шарбати карам тавсия карда мешавад.

Нӯшидани шарбати карам барои рафъи доғҳои рӯй кумак мекунад.


Дар кадом ҳолатҳо карамро истеъмол намекунанд?

Шахсоне, ки панкреатит доранд, дар шикам ва қафаси сина ҷарроҳӣ шудаанд, бояд аз истеъмоли карами тару тоза худдорӣ кунанд.

Карамро дар ҳолатҳои истихроҷ дар меъда ва рӯда, захми меъда, фаъолияти ғадуди сипаршакл истеъмол кардан мумкин нест.



САБАБҲОИ АСОСИИ ХУРУҶИ БЕМОРИҲОИ МУЗМИН ДАР ФАСЛИ ТИРАМОҲ БА ТАҒЙИРЁБИИ БОДУ ҲАВО ВОБАСТА АСТ, КИ САБАБГОРИ ГИРИФТОРИИ ДАРДИ САР ВА КАМҚУВВАТӢ МЕШАВАД.



БЕМОРИҲОИ ТИРАМОҲӢ

Чаро сар дард мекунаду одам камқувват мешавад?

Дар ин давра одамон бояд бештар дар ҳавои тоза сайругашт намоянд, чунки нарасидани оксиген яке аз омилҳои асосии дарди сар ба ҳисоб меравад. Ҳангоми иҷрои кор бояд давра ба давра танаффус карда, худро ором намоянд, тирезаҳои хона ё идораҳоро кушода монанд, то ҳаво иваз шавад. Нӯшидани на камтар аз 1,5 литр об дар як рӯз, маҳдудияти нӯшидани чой ва қаҳва, даст кашидан аз тамокукашӣ ва истеъмоли машруботи алкоголӣ ҳатмӣ мебошад. Инчунин дар як шабонарӯз инсон бояд аз 7 то 8 соат хоб равад. Ба изтироб дода нашуда, худро аз ҳолатҳои ҳаяҷони сахт (стресс) бояд канор гирифт. Зарур аст, ки бештар ғизоҳои камнамак истеъмол карда шавад.

Дигаршавии боду ҳаво ба вазъи саломатии одамони синну соли гуногун бетаъсир набуда, баръакс дар ивазшавии бофтаҳои бунияи инсон ва фаъолияти муназзами онҳо таъсир мерасонад. Дар ин шабу рӯз ба мо беморони зиёде бинобар пайдо шудани дарди сар мурочиат мекунанд, ки аксаран дарди сари онҳо ба аломатҳои бемориҳои дигари организм вобаста мебошад.

Дарди сар асосан дар мавзеи сару атрофи он пайдо шуда, ҳолати психофизиологии инсонро тасвир намуда, бо таъсири ангезандаҳои пурзӯру зараррасон ба вуҷуд меояд. Агар дарди сар мунтазам такрор ёбад, ҳатман ба асабшинос (невролог) ё духтури оилавӣ мурочиат кардан зарур аст.

Дарди сар органикӣ ва ғайриорганикӣ мешавад. Инчунин мигрен, сарборӣ, дарди сари кластерӣ ё гистаминӣ мавҷуданд, ки ба онҳо невралгияи асаби сегона ва асаби паси сар низ дохил мешаванд. Аломатҳои дигари дарди сар осеби сар ҷараёнҳои омосӣ, остеохандрози қисми гардан, дистонияи вегетативӣ, бемории фишорбаландӣ, камхунӣ, бемориҳои занона ва ғайра мебошанд.

Агар дар инсон асабонияти тез, хиратабъӣ, беҳолӣ, хоболудӣ, торикшавии пеши чашмон, баъзан халалдоршавии ҳиссиёт, ба мисли карахтшавӣ ва сихзании як тарафи рӯй, дарди нимсара мушоҳида шаванд, ин намуди аз ҳама паҳнгаштатарини дарди сар - дарди сари сарборӣ ё мигрен мебошад. Намудҳои дигари дарди сар ба омилҳои гуногуни узвҳои инсон рабти бештар доранд. Барои ташхиси дақиқи дарди сар гузаронидани муоинаҳои комплексӣ зарур аст.

Барои ташхиси пурра анҷом додани муоинаҳои зерин лозим аст: томографияи компютерӣ, барои хурдсолон муоинаи ултрасадоии майнаи сар (УЗИ), рентгенографияи косахонаи сар, элекроэнсефалография (ЭЭГ) ва озмоишҳои лабораторӣ.

Шифокорон табобатро ба ҳар бемор бо назардошти сабабҳои беморӣ, ҷинс, синну сол ва хусусияти организми онҳо тавсия медиҳанд. Инчунин барои пешгирии дарди сар роҳу воситаҳои гуногун мавҷуданд, аз қабили иҷрои машқҳои варзишӣ - давидан, шиноварӣ, гимнастика ва ғайра, ки ба саломатии инсон фоидаи зиёд доранд.

Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аз уҳдаи бартараф намудани муноқишаву низои зиёде баромадан муяссаратон мегардад. Масъалаҳои муҳими кориро бо ҳамкорон ҳаллу фасл карданатон лозим аст, нуқтаи назари дигаронро низ ба инобат гирифтанро омӯзед.



Савр
21.04 - 21.05

Аз пайи корҳои ба таъхир гузоштаи худ шавед. Ҳангоми рафъ намудани мушкилиҳои касбӣ ба маслиҳати ҳамкорон гӯш андозед. Нофаҳмиву муноқишаҳои оилавиро оромона ҳаллу фасл намоед. Суханони пурмуҳаббат дили ёри ранҷидаро гарм месозанд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нафароне, ки дӯстдошта доранд, аз муҳаббату ғамхории ёри худ ба ваҷд меоянд. Кӯшиш намоед, ки дар ҷавоб меҳрубонии дучанд нишон дода, боз ҳам ба якдигар ҳамрозу дамсоз бошед. Миёнаи ҳафта нисбати саломатии худ бодиққат бошед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта ба мушкилоти хона диққати бештар диҳед. Нисбати дӯстдоштаи худ сабур бошед, бароят туҳфа гиред. Рафту аз уҳдаи баъзе корҳои мушкил баромада натавонед, онро ба таъхир гузоред. Бехтараш вақти бештари худро ба истироҳат бахшед.



Асад
23.07 - 22.08

Давраи хубест барои он ки зиндагии худро бо неруи тоза оғоз намуда, ҳама бадиҳои пешинаро фаромӯш созед. Чизҳои нодаркорро аз хонаву атрофи худ дур кунед. Бо корҳои якрангу дилбазан худро хаставу дилгир насозед. Шуморо шиносоии аҷибе интизор аст.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ба иғвову макру хиллаи дигарон ҳамроҳ нашавед. Аз робита бо нафарони нодаркор худро канор гиред. Аввали ҳафта вохӯриву ошиқ шуданатон имконпазир аст. Дар ҷодаи касбу кор аз уҳдаи кори душвортарин баромада метавонед.



Мизон
25.09 - 22.10

Барои он ки бо дӯстдоштаатон наздиктар шавед, тамоми нофаҳмиҳои байнатон сарзадаро рӯирост ҳаллу фасл намоед. Бо одамони гуногун дар робита шуда, фикру андешаҳои нави ҷолиб пайдо мекунед. Вақти бештари худро бо нафарони эҷодкор ва муваффақ сипарӣ намуда, худ низ муваффақ мегардед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Пешниҳоди нави корӣ ва ба даст овардани маблағи пулӣ муяссаратон мегардад. Вале дар ин ҳафта бояд диққати бештари худро ба саломатӣ равона созед. Витамин истеъмол намуда, бо варзиш машғул шавед. Истироҳат дар оғӯши табиат қалбу руҳатонро оромиш мебахшад.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта барои ба даст овардани бовариву эътиқоди атрофиён вақти мусоид аст. Неруи дучанди худро барои пайдо намудани ҳадафҳои нав равона созед. Сар задани бисёр кору ҳодисаҳоро пешакӣ эҳсос мекунед. Вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар касбу коратон тағйирот ворид намоед, айни замон ҳама гуна навгонӣ пазируфта мешавад. Миёнаи ҳафта дар зиндагиятон дигаргуниҳои назаррас сар мезананд. Аз ҳолатҳое, ки боиси фишори рӯҳӣ гирифтанатон мегарданд, дурӣ ҷӯед.



Далв
21.01 - 19.02

Корҳоеро ба нақша гирифта метавонед, ки пештар боиси изтиробатон буданд. Дар ин шабу рӯз сари қарорҳои хубу саривақтӣ меоед. Дар масъалаҳои молиявӣ хеле эҳтиёткор бошед, ба ҳеҷ вачҳ қарз нагиред. Нафарони муҷаррад бахти худро дар сафар пайдо карда метавонанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аксари зодагони мучали ҳут ошиқ мешаванд, вале шуморо бо симои зебо ҷалб кардан осон нест, барои ба даст овардани қалби нозукатон кӯшишу ғайрати зиёд лозим мееяд. Аз шахси дӯстдоштаатон дастгириву меҳрубонӣ эҳсос мекунед.

Малика Қаландарова:

ТОҶИКИСТОН МАРО ФАРОМӮШ НАКАРДААСТ...

(Аввалаш дар саҳ. 9)



Вале Моисеев, ки шефтаи ҳунари Малика Қаландарова буд ва ӯро “Муъҷизаи Шарқ” меномид, аз тақозои хеш даст накашид ва ба Кумитаи марказии ҲК Тоҷикистон нома навишта, Маликаро “барои таҳияи рақси миллии шарқӣ” ба Москва даъват кард. Ӯро ба Москва фиристоданд. Малика бошад, рақси машҳури «Шодиёна»-ро ба саҳна гузошт. Ӯ барои ин асар худаш пироҳан дӯхт. (Малика аксари либосҳои саҳнавиашро худаш медӯхт. Барои омода кардани як либос аз 5 моҳ то 1 сол вақт сарф мекард). Игор Моисеев ин рақсро «инқилоб дар рақси Шарқ» арзёбӣ намуд ва Маликаро ба гурӯҳи хеш шомил карда, ба сафари ҳунарӣ ба Амрико бурд. Ӯ давоми се моҳ дар 20 штати Амрико ин рақсро иҷро кард.

Дар шоми эҷодии Малика Қаландарова ин рақсро бо маҳорати баланд раққосаи ҷавони тоҷик Миҷгона Фатҳуллоева иҷро кард. Устоди ҳунар раққосаи ҷавонро васф кард ва тавсия дод, ки ҳангоми паридан зонуҳояшро эҳтиёт кунад. “Игор Моисеев ҳамеша ба ман мегуфт, ки зонуҳоятро эҳтиёт кун, ки дар пирӣ пойдард нашавӣ”,- гуфт Малика Қаландарова.

Аз суҳбат бо Малика Қаландарова:

Санъати рақс бе қурбонӣ намешавад. Чандин бор афтодаву лат хӯрдаам. Яке аз он лаҳзаҳоро ба ёд меорам. Соли 1973 дар Варзоб яке аз рақсҳои маро барои телевизион сабт мекарданд. Ҳангоми наворбардорӣ пешпо хӯрда афтодам. Наворбардориро қатъ кардан мумкин набуд. Ба наздиктарин бунгоҳи тиббӣ рафта, поямро баста, сӯзандору гузаронидам. Он навор ҳоло ҳам ҳаст ва тариқи телевизион нишон дода мешавад. Шавҳарам Илёс Гулкоров доира менавозад, ман бошам, бо камзӯли тунук ва мӯйҳои майдабофам ба ин тарафу он тараф бо ишваву ноз нигоҳ карда мерақсам. Он ҷо касе пай намебарад, ки аз зери шимам хун мешорад ва дарди ҷонкоҳ маро озор медиҳад. Муҳим, рақс олӣ баромад. Вақте ин наворро аз телевизион намоиш медоданд, ман ҳамеша он лаҳзаро ба ёд меовардам.

ТАРКИ ВАТАН

Малика Қаландарова мегӯяд, ки ҳеҷ гоҳ дар фикри тарки Ватан набуд. Вале ҳаводиси ба ҳама маълуми солҳои 90-ум ӯро водор кард, ки бо хонавода тарки Ватан кунад. Ӯ ба Амрико ҳичрат кард, вале мегӯяд, ки чанд сол интизор шуд, ки ба Душанбе бармегардад.

Аз суҳбат бо Малика Қаландарова:

Ман дар Тоҷикистон азият надидаам. Ҳатто дар солҳои 90-ум. Як бор ба хонаам мардони мусаллаҳ зада даромаданд. Вақте дар деворҳо портретҳои маро диданд, пурсиданд, ки магар мухлиси Малика Қаландарова ҳастам? Чун ман дар зиндагӣ бо образам фарқ мекунам, аз ҳамин сабаб маро нашинохтанд. Гуфтам, ки он портретҳо аз они мананд, бовар накарданд ва талаб карданд, ки исбот кунам. Ман мачбур шудам, ки дар назди онҳо рақс кунам. Танҳо баъд бовар карданд ва баромада рафтанд... Муҳим, ки ба хотири ҳунарам ба ман ва хонаводаам зарар нарасониданд.

МАКТАБИ МАЛИКА ҚАЛАНДАРОВА

Ҳоло Малика Калантарова бо оилааш дар ноҳияи Куинси шаҳри Ню-Йорк зиндагӣ мекунад. Шавҳараш арбоби ҳунари Тоҷикистон, дойранавози машҳур Илёс Гулкоров ва фарзандону набераҳо дар паҳлуяш ҳастанд. Дар ИМА ӯ сахтиҳои зиёдеро аз сар гузаронид. Ҳатто мачбур буд, ки зарф фурӯшад, вале ҳеҷ гоҳ аз ҳунар даст накашид. Дар ҳамон даврони душвор ҳам дар фикри рақс буд ва дере нагузашта “Malika Dance School” - “Мактаби рақси Малика”-ро ташкил кард, ки то имрӯз дар Ню-Йорк фаъол аст.

Аз суҳбат бо Малика Қаландарова:

Соли 1993 вақте ба Амрико омадам, ҳамон сол дар манзили худ студияи хурди рақсӣ кушодам. Назди ман аслан кӯдаконе меомаданд, ки маро хеле хуб медонистанд, замоне дар Душанбе, Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Маскав зиндагӣ мекарданд. Дар умум ба кӯдакони зиёде дарс медодам. Соҳиби бино вақте огоҳ шуд, иҷозат надод, ки ман дарсҳоро идома диҳам. Билохира тавонистам дили ӯро ёбам. Дар ниҳоят баъд аз 10 сол ҷойи калону барҳаво пайдо намудам ва “Мактаби рақси Малика” ба он ҷо кӯч баст. Дар муддати кӯтоҳ ин мактаб шуҳрати зиёде ба худ касб кард. Ин ҷо ғайр аз ман боз муаллимони дигар ҳам буданд, ки рақсҳои Амрикои лотинӣ, аврупоӣ, балет ва дигар намуди рақсҳоро меомӯзонданд. Ман асосан бо рақсҳои тоҷикӣ (бухоройӣ), ӯзбекӣ, ҳиндӣ, эронӣ, афғонӣ ва туркӣ кор мекардам. Кӯдакон асосан ба гурӯҳҳои ман меомаданд. Дар бинои нав каму беш 20 сол кор кардам ва баъд соли 2020 ин мактабро ба шогирди бисёр хубу боистеъдодам Сандра Гадоева супоридам. Ҳоло чун меҳмони фахрӣ меравам ва раванди корҳоро назорат мекунам. Ҳама чиз хуб аст, аммо рақсҳои шарқӣ, махсусан рақсҳои осиёмиёнагӣ бисёр кам шудаанд. Чун сабаб пурсидам, гуфтанд, ки кӯдакон рақсҳои замонавӣ, яъне модернро бештар меписанданд. Аз ин рӯ рақсҳои амрикоиву аврупоӣ зиёданд. Ман норозигиямро баён кардам ва гуфтам, ки дар “Мактаби рақси Малика” ҳатман бояд рақсҳо миллӣ бошанд. Дар натиҷаи эроди ман гурӯҳҳои рақсҳои миллӣ барқарор шуданд.

ЁДИ ВАТАН

Малика Қаландарова мегӯяд, ки давоми муҳоҷират ҳеҷ гоҳ аз ёди Ватан дур набуд ва ҳамеша, дар ҳама чо худро ҳунарманди тоҷик муаррифӣ мекард ва мекунад. Дар тӯли солҳои муҳоҷират Малика Калантарова чор маротиба ба Тоҷикистон омад.

Аз суҳбат бо Малика Қаландарова:

Ифтихори бузурги ман дар зиндагӣ ин аст, ки мардуми тоҷик маро фаромӯш накардааст. Имрӯзҳо вақте дар хиёбонҳо қадам мезанам, маро мешиносанд, ҳатто ҷавонҳо омада бо ман акс мегиранд. Як шаб барои харидани дору аз меҳмонхона ба дорухона рафтам. Ҳайратзада шудам, вақте гурӯҳи писарбачагони 10-12-сола маро дар кӯча дида, нидо карданд: «Бинед, ин Малика Қаландарова аст!». Ман пурсидам, ки аз кучо маро мешиносанд, зеро се даҳсола гузашт ва насли ҷавоне, ки баъди рафтани ман ба дунё омадааст, эҳтимол маро нашиносанд. Онҳо гуфтанд, ки маро аз телевизион мешиносанд, ки рақси маро нишон медоданд. Онҳо ҳамчунин гуфтанд, ки вақте хоҳарчаҳояшон дар хона «консерт» нишон медиҳанд, модарон, аз шодӣ мегӯянд: «Э, ту Малика Қаландарова шудӣ!”. Ман ифтихор мекунам, ки халқи азизам маро фаромӯш накардааст...

Одил НОЗИР

МАВЛУДНОМА

11 СЕНТЯБР

Назира Кароматуллоева (1935-2014), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Ғуломҷон Мирзобоев (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Зинаида Полунина (1920-1987), 105-солагии зодрӯзи Китобдори Шоистаи Тоҷикистон.

Зебо Сангинова (1945), 80-солагии зодрӯзи меъмор, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

12 СЕНТЯБР

Ҷумъа Бердиев (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Раҳмон Қурбонов (1930), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

13 СЕНТЯБР

Раҳмонбердӣ Алиқулов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Валерий Ёқубов (1940), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Фаррух Муҳиддинов (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Облоқул Сангинов (1955-2014), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

14 СЕНТЯБР

Муҳаммад Бобохоҷаев (1925-2003), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Зоя Тоҷикова (1935), 90-солагии зодрӯзи мусиқишинос.

Херабой Янгибоев (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

15 СЕНТЯБР

Бобокалон Исоматов (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

Тоҷибой Мирзоев (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Ҷӯрахон Неъматов (1940), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Валӣ Худобердиев (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

16 СЕНТЯБР

Сайфинаҷот Аминҷонов (1935-2005), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Боймаҳмад Алибахшов (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Саиданвар Камолов (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби низомӣ, генерал-лейтенант, нависанда.

17 СЕНТЯБР

Фирдавс Қурбонзода (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Ноил Шерзода (1895-1935), 130-солагии зодрӯзи шоир.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи №СД/ПР-АВ-126/Е оид ба ҳиссагузории сохтмони хонаҳои истиқоматии баландошёнаи бисёрквартирадор аз санаи 24.02.2021 байни ҶДММ "Соҳиб Дуст" ва Фахрудинов Сайдҷамолиддин Насрудинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 1/4, 1-ҳуҷрагӣ, ошёнаи 4, масоҳати умумиаш 66.20, блоки Е, аз даромадгоҳ дасти чап, 3-юм квартира, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патент ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Имомов Худойназар Шаъмиевич, РМА: 195067084, ки санаи 25.08.2014 аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0279092, ба номи Азизов Дилшод Изатович, ки санаи 04.07.2016 аз ҷониби МТМУ №94-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04416551, ба номи Мавҷудаи Бобо, ки санаи 18.08.2022 аз ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Муҳамад Сидиқ Муҳамад Шафиқ, РЯМ: 0130061709, РМА: 015541280, ки санаи 26.04.2012 аз Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0035539 ба номи Азаматов Абдулло, ки соли 2011 аз ҷониби Литсейи касбии алоқаи ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Маркази Тиббӣ ва Табобати Замонавӣ", №0309121, РЯМ: 0110032762, РМА: 010109565, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Таъмири Автомобилҳои Чин", №0309229, РЯМ: 0310026045, РМА: 030038044, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ Абдуғафур-86 барҳам мехӯрад, РЯМ: 0710002260, РМА: 070009742. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии Самсиев, РЯМ: 3310003987, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад.

МЕФУРӮШАМ

► 2-ҳуҷрагӣ, 52 м.м., 3 эт., бинои 5-ошёна, дар ФР, Тульская область, пос. Волово, 1 800 000 руб. Тел.: +7920-111-21-95 (ватсап), 558-12-22-20

ЭЪЛОН

► Фабрикаи қаннодӣ хоҳишмандонро аз синни 20 то 50-сола ба кори рӯзона ва шабона даъват мекунад. Фабрикаи қаннодӣ дар назди маркази савдои "Ёвар" қарор дорад. Барои маълумоти муфассал ба рақамҳои зерин муроҷиат кунед: 93-131-55-44, 900-34-92-44



Раҷаббойи Ортиқ (Завронӣ)

ВАТАН

Агар бурранд забонамро,
Бикӯбанд устухонамро.
Баранд аз тан равонамро,

Валекин ман Ватан гӯям.
Ватанро ҷону тан гӯям.

Маро бар зери дор оранд.
Агар оташ ба сар боранд,
Ба сина тухми ғам коранд,

Валекин ман Ватан гӯям.
Ватанро ҷону тан гӯям.

Сарам бар зери санг оранд.
Агар ҷонам ба танг оранд,
Гарам коми наҳанг оранд,

Валекин ман Ватан гӯям,
Ватанро ҷону тан гӯям.



ҶУДО

ШИРКАТИ ҶУДОКОРОНИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ВА QINGDAO GRAND PRIX-2025

Рӯзҳои 26-28-уми сентябр дар шаҳри Тсиндаои Чин аз силсилаи мусобиқоти IJF World Tour мусобиқаи Qingdao Grand Prix-2025 баргузор мешавад, ки беҳтарин ҷудокорони сайёраро гирд меорад.



Дар ин мусобиқа имтиёзҳои рейтингӣ дода мешаванд, ки ба роҳҳат барои ширкат дар Олимпиадаи соли 2028 таъсир мерасонанд. Ҳамчунин, ғолибон бо ҷоизаҳои пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Ҷудокорони тоҷик дар ҳайати 11 паҳлавон дастаи мунтахаби Тоҷикистонро намояндагӣ хоҳанд кард. Инҳо дар вазни 60 кг Меҳрзод Сӯфиев ва Муҳаммадсолеҳ Қувватов, дар вазни 66 кг Обид Ҷебов, дар вазни 73 кг Абубакр Шеров, 73 кг Масъуди Аҳмадзод, 81 кг Сомон Маҳмадбеков, 90 кг Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода, 100 кг Ҷаҳонгир Маҷидов байни мардон ва дар вазни 48 кг Аҳлия Муъминова, 57 кг Александра Кан, +78 кг Виктория Киселёва дар байни занон ҳастанд.

Бояд гуфт, рӯзҳои 13-14-уми сентябр дар Ҷакартаи Индонезия Чемпионати ҷудои Осиё миёни наврасон баргузор мешавад, ки дар он аз Тоҷикистон Лоиқ Қутбуддинов ва Икром Шамсов дар вазни 60 кг, Магомед Фармонбеков ва Умар Шеров 66 кг, Муҳаммадин Лоиқов ва Фирӯз Маҳмадбеков 73 кг, Абдулло Лоиқов ва Абубакр Абдуҷалилзода 81 кг, Суруш Саломов ва Муслим Маҳмадбеков 90 кг, Мадина Қурбонзода 52 кг, Александра Кан 57 кг ва Виктория Киселёва +78 кг ширкат мекунанд.

ҶОМИ ОСИЁ

ТОҶИКИСТОН БА ҚИСМИ НИҲОЙ РОҲ НАЁФТ



Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) дар даври интихобии Ҷоми Осиё-2026 натавонист дар хонаи худ аз гурӯҳ барояд ва ба қисми ниҳоии мусобиқа роҳ ёбад.

Ҷавонони Тоҷикистон дар як гурӯҳ бо дастаҳои Сурия, Непал ва Филиппин дар Душанбе бозӣ карданд. Онҳо аввал дастаи Непалро бо ҳисоби бузурги 4:0 мағлуб карданд. Дар бозии дуюм шогирдони Леван Хомерики аз дастаи Филиппин бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуданд. Барои ба қисми ниҳоӣ роҳ ёфтан ба онҳо лозим буд, ки бо бартарии ду гол бар дастаи Сурия пирӯз шаванд, аммо ноком шуданд ва бо натиҷаи 0:1 шикаст хӯрданд. Ҳамин тавр дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон натавонист дар майдони хуб имтиёз ба даст оварда, ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 роҳ ёбад. Аз ин гурӯҳ дастаи Сурия бо 9 имтиёз соҳиби роҳҳат шуд.

ФУТБОЛ

ӮЗБЕКИСТОН ҒОЛИБИ ҶОМИ МИЛЛАТҲОИ CAFA ШУД

Аз 29-уми август то 4-уми сентябр дар Ҳисори Тоҷикистон ва Тошканди Ӯзбекистон CAFA Nations Cup 2025 баргузор шуд, ки 6 дастаи минтақаи Осиёи Марказӣ ва ду дастаи меҳмон - Уммону Ҳиндустон ширкат карданд.



Бозиҳо дар ду гурӯҳ баргузор шуданд. Гурӯҳи А иборат аз дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Уммон дар Тошканд ва гурӯҳи В иборат аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон дар Ҳисор бозӣ карданд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар бозии якум аз дастаи Ҳиндустон бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуд. Дар бозии дуюм шогирдони Гела Шекиладзе тавонистанд бо ҳисоби 2:0 бар Афғонистон пирӯз шаванд. Бозии сеюм бо дастаи мунтахаби Эрон мусовӣ 2:2 ба охир расид ва ҳамин тавр Тоҷикистон дар ин гурӯҳ сеюм шуд. Аз ин гурӯҳ Эрон ба даври ниҳоӣ роҳ ёфту Ҳиндустон барои ҷойи сеюм мубориза бурд.

Дар гурӯҳи А дастаи мунтахаби Ӯзбекистон якум шуду дастаи Уммон дар ҷойи дуюм қарор гирифт. Ҳамин тавр, Уммон дар Ҳисор бо Ҳиндустон барои нишони биринҷии CAFA Nations Cup 2025 мубориза бурд, аммо ноком шуд. Ин вохӯрӣ то задани пеналтии баъд аз бозӣ идома кард ва Ҳиндустон бо ҳисоби 3:2 комёб шуд.

Дар бозии ниҳоӣ Ӯзбекистон ва Эрон дар Тошканд вохӯрданд. Ин бозӣ ҳам қариб то задани зарбаҳои пеналтӣ идома мекард, аммо футболбозони ӯзбек дар дақиқаи 120-ум гол заданд ва ғолиб омаданд. Ҳамин тавр, Ӯзбекистон дар дуюмин мусобиқаи CAFA Nations Cup пирӯз шуд.

ФУТЗАЛ

ГОЛҲОИ БЕШУМОР ДАР СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН

Даври 7-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон яке аз даврҳои серголтарин дар мавсим дониста шуд, ки танҳо дар як бозӣ 19 гол зада шудааст.



Дастаи «Сипар» аз Хуҷанд бозии хубу устувор нишон медиҳад. Даста дар ҳамаи 7 бозӣ пирӯз шудааст. Ин ҳам дар ҳоле, ки ба дарвозаи ҳарифон 47 гол зада, ҳамагӣ 5 гол сар додааст. «Сипар» дар даври 6-ум бар «Соро Компания» ва дар даври 7-ум бар «Амонатбонк» ғолиб омад. Маълум аст, ки ин даста аз талабгорони асосии унвони чемпионӣ аст.

Дар даври 7-ум «Сомон» бар «Равшан» бо ҳисоби 8:4 пирӯз шуд. «Регар» дар майдони худ аз дастаи «Соро Компания» бо ҳисоби 2:17 мағлуб шуд. КМВА низ дар майдони худ аз «Истиқлол» бо ҳисоби 1:4 шикаст хӯрд. Ҳамин тавр, «Амонатбонк» низ дар Душанбе аз «Сипар» бо ҳисоби 0:5 ноком шуд.

Дастаҳои «Соро» ва «Истиқлол» барои зинаи дуюм мубориза мебаранд ва маълум аст, ки ин ду даста бо «Сипар» дастаҳое ҳастанд, ки тақрибан ба даври нимниҳоӣ роҳ ёфтаанд. Барои як роҳҳати дигар шояд дастаҳои «Сомон», «Амонатбонк» ва КМВА мубориза баранд.

РЕЗААХБОР



Ҷудокорони тоҷик дар мусобиқаи Hangzhou Asian Open-2025 чор медали биринҷӣ ба даст оварданд. Инҳо Қуқаншоев Абдулло дар вазни -60 кг, Набии Нуралӣ дар вазни -66 кг, Илҳомиддин Ҷабборов дар вазни -73 кг ва Саидмумин Шарифзод дар вазни -81 кг буданд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 6 паҳлавон намояндагӣ карданд, ки 4 тани онҳо сазовори нишон шуданд.

***


Дар Ӯзбекистон ба хотири дастгирии собиқ ҳамлагари тими "Динамо"-и Самарқанд ва тими миллии Тоҷикистон Муҳсин Муҳаммадиев, ки феълан дар бистари беморӣ аст, бозии хайриявӣ таҳти унвони "Муҳсин, мо бо туем!" баргузор шуд. Дар он собиқ футболбозони бошгоҳи "Динамо" ва тими миллии Ӯзбекистон неру санҷиданд. Маблағе, ки аз ҳисоби ин бозӣ ба даст омад, пурра барои табобати Муҳсин Муҳаммадиев равона шуд.

***

Аз 13 то 21-уми сентябр дар шаҳри Загреби Хорватия Чемпионати ҷаҳонии куштии тарзи озод ва юнону румӣ баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 5 паҳлавон намояндагӣ мекунанд. Инҳо паҳлавонони куштии тарзи озод Айаал Белолюбский (57 кг), Абдулмаҷид Кудиев (65 кг), Виктор Рассадин (70 кг), Магомед Евлоев (79 кг) ва кушти юнону румӣ Эдуард Бабеношев дар вазни 97 кг ҳастанд.

***

Роҳбарияти дастаи "Равшан"-и Кӯлоб ба хулосае омадаанд, ки ҳамкориро бо директори даста Ғайраталӣ Мираҳмадов қатъ кунанд. Гуфта мешавад, тасмими мазкур баъди ба даста омадани сармураббии рус Дмитрий Черишев ва директори техникии даста Зоир Бобоев гирифта шуда, сарпарастон акунун бо мутахассисони дигар кору фаъолияташонро идома доданӣ ҳастанд.



БОҒБОН ВА ҲАРИС

Марди ҳарис ба боғи шиносаш даромада, аз дарахтон зардолу, шафтолу, нок, олу... канда хӯрдан гирифт.

Боғбон:

- Меваҳоро шуста мехӯрӣ...

Ҳарис:

- Ман дар шикамам филтр ҳаст!

Боғбон:

- Ҳа, беҳуда шикамат надамидааст.

НОСИПОС

Ҳарис шохаи дарахти меваро хам карда, кашидан гирифт, ки шоха тоб наоварда, шикаст.

Боғбон:

- Беҳуда шохаро шикастӣ!

Ҳарис:

- Парво накун, соли дигар боз месабзад!

...

Ҳарис:

- Ту чӣ хел боғбонӣ, ки шохи шикастаро намесабзонӣ.

ШИКАМДАРД

Ҳарис баъди хӯрдани зардолу шикамдард шуда, назди духтур меояд.

Духтур:

- Пагоҳӣ чӣ хӯрдӣ?

Ҳарис:

- Зардолу.

Духтур:

- Боз чӣ хӯрдӣ?

Ҳарис:

- Оби яхӣ.

Духтур:

- Зардолу хӯрдӣ, об хӯрдӣ - мурдӣ, тут хӯрдӣ, об хӯрдӣ - бурдӣ.

Э. КАМОЛЗОДА,
ш. Душанбе

ОДАМ

Мусофирбари пуродам якбора мошинро манъ мекунад. Диққати ҳамаро марди ҷандапӯше ҷалб мекунад, ки аз роҳ гузаштанӣ аст. Муродбеки 10-сола аз модараш мепурсад:

- Оча, вай кист?

Модар дар ҷавоб:

- Одам...

Писарча:

- Аз нав ба асри сангин меравад?

ИНТИЗОРӢ

Автобуси пуродам базӯр ҳаракат мекунад. Аз байни издиҳом овози ғазаболуди занона мебарояд:

- Ҳе мардак, чӣ кор мекунӣ?

Хомӯшӣ. Боз овози зан:

- Чӣ кор мекунӣ, мегӯям?

Хомӯшӣ. Ин лаҳза садои кунҷковонае аз кунҷи автобус баланд мешавад:

- Ҳе мардак, аз интизория мурдем, чӣ кор мекунӣ, гап зан охир!

САНА

Аз марди тоҷик пурсиданд:

- Чиро бештар дӯст медорӣ? Майро ё занро?

Мард гуфт:

- Ин аз соли истеҳсолшавӣ вобастагӣ дорад.

ДАРДИ САР

Марде дар қатора ҳамроҳи хушдоманаш мераванд. Кондуктор ба онҳо ду чипта дароз карда, мепурсад:

- Шумо бо кӣ сафар мекунед?

- Бо дарди сар,- мегӯяд маҳзунона мард.

ҲИЛЛА

Сафар аз рафиқаш, ки бо ҳилла вориди кинотеатр шуда буд, пурсид:

- Ту чӣ хел ба толор даромадӣ? Охир, билет надоштӣ ку!

Сафар:

- Пуштнокӣ даромадам, дарбон гумон кард, ки ман ба берун баромада истодаам.

ГУМШУДА

Муаллима дар дарси забони модарӣ аз Меҳрубон мепурсад:

- Меҳрубончон, ҷумлаи зеринро гӯш кун: «Ман шавҳар мечӯям». Ин ҷумла ба кадом замон дохил мешавад?

Меҳрубон дар ҷавоб:

- Замони гумшуда, муаллима.

МАЙХОРАИ ЛАВАНД

Мард ба занаш мегӯяд:

- Занак, ман ин бегоҳӣ бо рафиқам пивонӯшӣ меравем.

Зан дар ҷавоб:

- Ҳа, майлаш, рафтан гир, майхора!

Мард мегӯяд:

- Чаро ман майхора будаам? Охир, чӯраамро дар шаш моҳ як бор мебинам!

Зан ин дафъа мегӯяд:

- Майхораи лаванд!

Таҳияи
Н. РАҶАБОВА

Сканворд

